№1 (161)
31 январи соли 2022

МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОН / АРХИТЕКТУРА И СТРОИТЕЛЬСТВО

# РӮЗНОМАИ БИНОКОРОН
Строительная газета

binokoritoj@mail.ru
www.tajsohtmon.tj

Аз августи соли 2007 нашр мешавад
Издаётся с августа 2007 года

Нашрияи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
Издание Комитета по архитектуре и строительству при Правительстве Республики Таджикистан

## ДАР ИН ШУМОРА:

30 ПАЙКИ ПАЁМ АЗ ДАСТОВАРДҲОИ 30-СОЛИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН




саҳ. 2

ПОЙДЕВОРИ НЕРӮБАХШИ ДАВЛАТ



саҳ. 4

ДАР АМАЛӢ ШУДАНИ НАҚШАҲОИ БУНЁДКОРИВУ СОЗАНДАГӢ САҲМГУЗОР БОШЕМ



саҳ. 5

ДАР ДУШАНБЕ ҶАШНИ САДА БОШУКУҲ ТАҶЛИЛ ГАРДИД




саҳ. 8

# ПАЁМИ ШОДБОШИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МУНОСИБАТИ ҶАШНИ САДА



*29.01.2022, шаҳри Душанбе*

Ҳамватанони азиз!

Ҳамаи шуморо ба муносибати фарорасии яке аз ойинҳои бостонии мардуми куҳанбунёдамон - ҷашни Сада самимона табрик мегӯям.

Сада дар баробари ҷашнҳои воқеан мардумии Наврӯз, Тиргон ва Меҳргон яке аз ойинҳои куҳантарини мардумони ориёитабор, аз ҷумла, мо - тоҷикон буда, баъди гузашти асрҳои зиёд дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон аз нав эҳё гардид.

Мутобиқи тақвимҳои суннатии тоҷикон ҷашни Сада ба анҷоми чиллаи калон рост омада, аз он дарак медиҳад, ки зимистон ва давраи сармои он ба охир расида истодааст ва фасли баҳору оғози корҳои кишоварзӣ наздик аст.

Аз ин ҷашни бостонӣ то ба имрӯз як силсила расму анъанаҳо, намунаҳои фарҳангиву адабӣ ва малакаву таҷрибаҳои кишоварзӣ мерос мондаанд, ки ин арзишҳои маънавӣ наслҳои имрӯзаро бо таърихи беш аз шашҳазорсолаи халқамон пайванд медиҳанд.

Дар робита ба ин, хотирнишон месозам, ки шинохти таърихи бостонӣ, ифтихор аз фарҳангу тамаддуни чандинҳазорсолаи халқамон, эҳёи беҳтарин расму ойинҳои гузашта ва мутобиқ сохтани онҳо ба арзишҳои маънавии имрӯза дар шароити торафт вусъат гирифтани равандҳои ҷаҳонишавӣ худогоҳии таърихӣ ва ҳуввияти миллии моро мукаммалу устувор менамояд.

Дар асоси сарчашмаҳои таърихиву адабии ниёгонамон ҷашни Сада рамзи гармиву рӯшноӣ ва пирӯзии инсон бар қувваҳои бадӣ ба шумор меравад.

Тибқи маълумоти «Шоҳнома»-и Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ ин ҷашнро шоҳ Ҳушанг ба муносибати кашф шудани тарзи оташафрӯзӣ таъсис додааст.

Ба ин хотир, дар тӯли асрҳои зиёд ниёгони мо гулхани оташро рамзи гиромидошти ин ҷашн мешумориданд.

Ҳамчунин, бояд гуфт, ки ҷашни Сада аз давраи пайдоиш ва рушди пешаи кишоварзӣ моҳияти иҷтимоиву иқтисодӣ пайдо карда, ба яке аз василаҳои таблиғу ташвиқи корҳои деҳқониву боғдорӣ табдил ёфтааст.

Бо ҳамин сабаб, кишоварзон ин ойини бостониро бештар аз дигар табақаҳои мардум гиромӣ медоранд ва шояд омили то замони мо зинда мондани Сада маҳз марди деҳқон бошад.

Дар замони соҳибистиқлолӣ мо ҷашни Садаро ба ҳайси маросими кишоварзону боғдорон ва дар маҷмуъ, ҳамчун ойини сирф мардумӣ таҷлил менамоем ва дар таблиғи ғояҳои неку моҳияти арзишманди он, аз қабили садоқат ба Ватан, осоишу ваҳдати инсонҳо, дӯст доштани табиат ва заҳмат ба хотири баракату фаровонӣ саъю талош меварзем.

Бинобар ин, ба кишоварзони мо дар ин айём зарур аст, ки тухмии хушсифати зироатҳо ва ниҳолҳоро омода намуда, корҳои яхобмонӣ, тоза кардани ҷӯю заҳбурҳо ва дарахтон, яъне тайёрии ҳаматарафа ба киштукори баҳориро ба анҷом расонанд ва барои ҳосили фаровон замина гузоранд.

Панҷоҳ шабу панҷоҳ рӯз пеш аз фарорасии ҷашни Наврӯз таҷлил гардидани Сада низ моро водор месозад, ки ба истиқболи сазовори Наврӯзи ҷаҳонӣ ва киштукори баҳорӣ омодагии ҳаматарафаро вусъат бахшем.

Бовар дорам, ки кишоварзони мамлакат омодагиро ба мавсими баҳор суръат бахшида, соли ҷорӣ нисбат ба соли гузашта маҳсулоти бештар ба даст оварда, барои беҳтар таъмин намудани бозори истеъмолӣ, фаровонии дастурхони мардум ва ҳифзи амнияти озуқавории кишвар ҳиссаи арзанда мегузоранд.

Таъкид месозам, ки ин кор, хусусан, дар шароити бисёр мураккаби ҷаҳони муосир ниҳоят зарур ва муҳим мебошад.

Воқеан, дар ҷашни Сада ба намоиш гузоштани шириниҳо ва хушкмеваҳои маҳаллии аз ҷиҳати экологӣ тоза боиси ҷалби меҳмонону сайёҳон ва дар баробари ин, воситаи таблиғи заҳмати деҳқонону боғдорон ва ҳунармандон мегардад.

Дар Паёми Роҳбари давлат ҷиҳати таъмин намудани рушди минбаъдаи соҳаҳои гуногуни иқтисоди кишвар солҳои 2022-2026 «Солҳои рушди саноат» эълон гардиданд.

Дар доираи ин панҷсола рушди соҳаи агросаноатӣ ва саноати хӯроквории, махсусан, бунёди корхонаҳои саноатӣ барои коркарди меваю сабзавот ва содироти он ҳамчун бахши муҳими саноати мамлакат яке аз ҳадафҳои асосии мо ба шумор меравад.

Ҳамчунин, хотиррасон менамоям, ки ободу сарсабз гардонидани табиати кишвар, гулгашту кӯчаҳо, тозаву озода кардани хонаву кошона ва маҳалли зист аз ҷумлаи суннатҳои ҷашни Сада ба ҳисоб мераванд.

Бо итминон иброз медорам, ки мардуми шарафманди тоҷик ин ойинҳои некро ҳамчун мероси гаронбаҳои миллӣ идома ва густариш мебахшанд.

Бори дигар ҷашни бостонии Садаро ба ҳамватанони азиз ва хурду бузурги Тоҷикистони маҳбубамон самимона табрик гуфта, ба хонадони ҳар яки онҳо бахту саодат, баракату фаровонӣ ва шодиву нишот орзу менамоям.

Ҷашни Сада муборак бошад,
ҳамватанони азиз!

# 30 ПАЙКИ ПАЁМ АЗ ДАСТОВАРДҲОИ 30-СОЛИ

Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 21 декабри соли 2021, ки дар арафаи анҷоми соли таърихии барои миллату давлат сарнавиштсоз ироа шуд, ба таърихи миллату давлат ҳамчун соли баргузории чорабинии муҳими дорои моҳияти сиёсиву таърихӣ ва иҷтимоиву фарҳангидоштаи истиқболи сазовори ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардид.

Паёмҳои ҳамасолаи Президенти мамлакат ба Маҷлисии Олӣ, ки асолати пайки наву пайғомро доранд, аз ҷониби шаҳрвандони кишвар ҳамчун дастури раҳнамои рушди ҷомеа бо интизориву умедвориҳои зиёде истиқбол гирифта мешаванд. Ҳар пайки паёми навбатӣ, ки фарогири маҷмӯи дастовардҳои сӣ соли соҳибистиқлолии миллии Тоҷикистон маҳбуб маҳсуб меёбанд, ҳамчун муждаҳои фараҳбахшу гуворо садо доданд. Дар маҷмӯъ муждаҳои паёмро метавон бо ба инобатгирии самтҳои муҳими фаъолияти соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсии дарҳӯри замони имрӯза дар татбиқи амалии ҳадафҳои стратегии Ҳукумати мамлакат, иборат аз сӣ мужда арзёбӣ кард:

**1**. Дар давоми сӣ соли соҳибистиқлолии миллии кишвар дар ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва таърихиву сиёсии кишвар таҳаввулоти зиёди фарҳангиву маърифатӣ ва иқтисодӣ ба амал омада, «...бузургтарин дастоварди замони истиқлолият - сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ, ноил шудан ба зиндагии босаодати имрӯза ва бунёди Тоҷикистони навин маҳсуб меёбад» насиби мардуми шарифи кишварамон гардид. Ин дастовардҳо ба осонӣ ба даст наомадаанд. Воқеаҳои солҳои навади асри гузашта, ки ба қадамҳои аввалини соҳибистиқлолии миллии кишвар рост омад, ба иллати фирефтаи фитнаву дасисаи нерӯҳои ифротгарои дохилӣ ва хоҷагони сиёсӣ гардидани гурӯҳе аз шаҳрвандон кишварро ба оташи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашид. Баргузории Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Тоҷикистон, интихоби роҳбари олии давлат, қарорҳои қабулнамудаи ин Иҷлосияи тақдирсоз, талошҳои қатъи ҷангу хунрезӣ, таъмини суботу оромӣ, ба Ватан баргардонидани зиёда аз як миллион гурезаҳои тоҷик, сарҷамъ сохтани миллати парешонгашта, барқарорсозии сохти конститутсионӣ, аз хатари пароканадагиву нобудӣ наҷот додани кишвар, дар баробари ин қабули Парчами давлатӣ, Конститутсияи нави Тоҷикистони соҳибистиқлол ва Нишону Суруди миллӣ ҳамчун рамзҳои давлатдорӣ аз нахустин дастовардҳои бузургу таърихии солҳои аввали соҳибистиқлолии миллӣ ба шумор мераванд. Бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишвар татбиқи ҷазои қатл боздошта шуда, дар давоми сӣ сол 17 маротиба Қонун дар бораи авф қабул ва нисбат ба 170 000 нафар шаҳрвандон татбиқ гардид.




Ҳамчунин, дар ин давра чор маротиба қонун оид ба авфи шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии кишвар бинобар қонунигардонии маблағҳо ва молу мулкашон қабул ва амалӣ гардонида шуда, ба беҳтар гардидани фазои сармоягузорӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ шароити мусоид фароҳам оварда шуд.

**2**. Танҳо дар давоми се соли охир бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар саросари кишвар зиёда аз 25 000 иншооту биноҳои истеҳсоливу иҷтимоӣ ва инфрасохторӣ ҳамчун дастовезу бузурги ҷашнии шаҳрвандони кишвар ба ин санаи таърихӣ бунёд ва мавриди истифода қарор дода шуд. Президенти мамлакат бо назардошти чунин дастоварди назаррас ба кулли мардуми шарафманди кишвар, аз ҷумла, ба ҳамаи соҳибкорони ватандӯст ва шахсони саховатпеша, ки ба ифтихори ҷашни сисолагии истиқлолияти давлатӣ дар раванди корҳои ободониву созандагии Ватан, бахусус дар бунёди иншооти соҳаи маориф ва тандурустӣ саҳми басо арзишманд гузоштанд, сипосу миннатдорӣ баён намуданд.

**3**. Дар ин давра новобаста ба баъзе аз мушкилоти пешомада ва шароити зисту зиндагии аҳолӣ, Ҳукумати кишвар баҳри амалӣ намудани ҳадафҳои ниҳоии стратегии худ содиқона ва ҳам устуворона тадбирҳои амалӣ андешид. Таъмини истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил додани мамлакат ба кишвари транзитӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ, дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат ва саноатикунонии босуръати мамлакат ҳадафҳои стратегӣ ба шумор рафта, ҷиҳати зина ба зина амалӣ шудан, қадамҳои устувор гузошта шуд. «Бо фарорасии соли нави 2022 кишвари азизи мо ба марҳалаи нави рушду тараққиёт ворид гардид» ва дар назди ҳар як шаҳрванди кишвар вазифаҳои муҳими ободониву шукуфоӣ, ҳисси баланди масъулиятшиносии ватандорӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва ҳифзи истиқлолияту озодии Тоҷикистон меистад.

**4**. Бо вуҷуди аз даҳсолаи дуюми даврони истиқлолият ба роҳ монда шудани рушди босуботи иҷтимоиёту иқтисодиёти кишвар, ҷиҳати баланд бардоштани зисту зиндагонии аҳолӣ чораҳои амалӣ андешида шуда, рушди иқтисодиёт дар сатҳи 7,5% таъмин гардида, маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар аз 1,8 миллиард сомонии соли 2000-ум то ба 95 миллиард сомонӣ дар соли 2021 ва даромади буҷети давлатӣ аз 252 миллион сомонии соли 2000-ум дар соли 2021 ба 28 миллиард сомонӣ расонида шуд. Яъне ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар нафар аҳолӣ беш аз 30 баробар афзоиш ёфт. Инчунин, ба 2000 адад расонидани миқдори корхонаҳои истеҳсолӣ ва ба андозаи чор баробар афзоиш ёфтани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ, дар соҳаи кишоварзӣ бошад ба соҳибони асл - деҳқонон вогузор шудани обу замин ва ҳифзи амнияти озуқаворӣ мамлакат, бегуфтугӯ аз муждаҳои дигари паём мебошанд.

**5**. Дар давоми даҳсолаи аввали Истиқлолияти давлатӣ бо мақсади таъмин намудани аҳолӣ бо маҳсулоти озуқа ва пешгирӣ аз гуруснагӣ 75 ҳазор гектар замин ҳамчун заминҳои президентӣ тақсим карда шуд. Илова ба ин, дар давоми 20-соли охир боз 138 ҳазор гектар замин, аз ҷумла, 52 ҳазор гектар аз ҳисоби заминҳои обӣ ба 1 миллиону 400 ҳазор оила барои бунёди манзили истиқоматӣ ҷудо карда шуда, шароити истиқоматии 8 миллиону 800 ҳазор нафар аҳолии кишвар беҳтар карда шуд. Дар ин давра 54 ҳазор гектар заминҳои нав обёрӣ гардида, ҳар сол дар майдони қариб 200 ҳазор гектар замини обӣ кишти такрории зироатҳо ба роҳ монда шудааст. Аз як қитъаи замини обӣ гирифтани 2-3 ҳосил ба ҳукми анъана даромад. Афзоиши ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ таъмин гардида, аз 11 миллиарди соли 1992 ба 40 миллиард сомонӣ дар соли 2021 расонида шуд.

**6**. Дар ин давра ҷиҳати амалӣ намудани яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати кишвар - раҳоӣ бахшидани мамлакат аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил додани он, 2400 километр роҳ, 326 пул, 6 нақби мошингузар ва 219 километр роҳи оҳан сохта ва истифода дода шуда, рафтуомади бемамонияти мусофирон ва ҳамлу нақли молу маҳсулот дар тамоми фаслҳои сол байни минтақаҳои кишвар таъмин карда шуд. Бо ин амал ҳанӯз дар соли 2017 Тоҷикистони сепорча ба қаламрави воҳид табдил дода шуда, кишвар ба яке аз ҳадафҳои муҳими худ ноил шуд.

**7**. Расидан ба истиқлолияти энергетикӣ яке аз ҳадафҳои стратегии мамлакат ба шумор меравад, ки бо ин мақсад дар даврони соҳибистиқлолӣ 287 нерӯгоҳи барқи обии хурду бузург, 1,5 ҳазор километр хатҳои интиқоли барқи баландшиддат, 50 зеристгоҳи баландшиддати барқӣ бунёду таҷдид ва дар маҷмӯъ 75 фоизи инфрасохтори энергетикии кишвар азнавсозӣ гардид. Дар ин давра беш аз 2000 мегаватт иқтидорҳои энергетикии иловагӣ бунёд карда шуд. Соли 2011 дар таърихи навини Тоҷикистон системаи ягонаи энергетикӣ ба вуҷуд оварда шуд. Дар 7 соли оянда бо амалисозии як қатор лоиҳаҳои бузурги бунёду таҷдиди иншооти энергетикии мамлакат иқтидори энергетикии кишвар бояд ба 10 ҳазор мегаватт расонида шавад. Бо дарназардошти тағйирёбии глобалии иқлим ва зарурати рушди энергетикии «сабз» Президенти мамлакат дастур доданд, ки то охири соли 2022 Стратегияи рушди «иқтисоди сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шавад.

Бо мақсади рушди соҳаҳои мухталифи саноат зарур аст, ки гузариш ба технологияҳои инноватсионӣ, хусусан таҷҳизоти каммасрафи барқӣ таъмин гардида, дар ин замина истеҳсоли маҳсулоти рақобатнок бо истифода аз «энергияи сабз» васеъ ҷорӣ карда шавад. Ба Ҳукумати мамлакат супориш дода шуд, ки ҷиҳати таҳия ва васеъ истифода намудани технологияҳои муосир дар соҳаҳои мухталифи иқтисоди мамлакат Стратегияи миллии «зеҳни сунъӣ»-ро қабул ва татбиқ намояд.

Ҳоло барои рушди соҳаи саноат 18 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 16,6 миллиард сомонӣ амалӣ гардида истодааст. Имрӯз дар кишвар 98 фоизи нерӯи барқ аз манбаъҳои барқароршавандаи энергия, яъне аз нерӯи об истеҳсол гардида, Тоҷикистон аз рӯи фоизи истеҳсоли «энергияи сабз» шашумин кишвари пешсафи сайёра буда, аз рӯйи кам будани ҳаҷми партови газҳои гулхонаӣ низ яке аз ҷойҳои баландтаринро ишғол мекунад. Истеҳсол ва истифодаи «энергияи сабз» аз ҷумлаи афзалиятҳои рақобатнокии иқтисоди кишвар ба ҳисоб меравад. Ҳоло дар Тоҷикистон лоиҳаҳои бузурги бунёди нерӯгоҳҳои барқи обӣ амалӣ гардида истодаанд ва дар 7 соли оянда аз ҳисоби бунёди нерӯгоҳи «Роғун» ва таҷдиди нерӯгоҳҳои барқи обии «Норак», «Сарбанд», «Қайроққум» иқтидори энергетикии мамлакат иловатан ба 4 ҳазор мегаватт афзоиш дода мешавад.

Истифодаи васеи дигар манбаъҳои барқароршавандаи энергия, аз ҷумла, нерӯи офтоб ба шамол ба манфиат буда, дар ин самт татбиқи се лоиҳа бо иқтидори умумии 260 мегаватт оғоз гардидааст, ки дар панҷ соли оянда амалӣ карда мешаванд.

# ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН

Бо мақсади ба тағйирёбии иқлим мутобиқ гардонидани иқтисоди миллӣ, ҳифзи муҳити зист ва беҳтар намудани вазъи экологии мамлакат пешниҳод шуд, ки воридоти нақлиёти барқӣ ба кишвар, яъне электромобилҳо, электробусҳо, тролейбусҳо ва монанди инҳо аз пардохти андозӣ ва гумрукӣ озод карда шаванд;

**8.** Дар бист соли охир ба кишвар беш аз 150 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ, аз ҷумла, 59 миллиард сомонӣ сармояи мустақим ҷалб карда шуда, танҳо барои рушди соҳаи саноати кишвар беш аз 35 миллиард сомонӣ сармояи мустақими хориҷӣ ҷалб гардид. Дар ин давра дар соҳаҳои энергетика, нақлиёт, кишоварзӣ, маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ ва дигар соҳаҳо ба маблағи 91 миллиард сомонӣ лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ татбиқ гардид. Аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузории буҷети давлатӣ ҷиҳати рушди соҳаҳои илму маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ 97 миллиард сомонӣ равона шуд.

**9.** Дар замони истиқлолият аз ҷониби давлату Ҳукумат ба рушди соҳибкориву сармоягузорӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, то имрӯз ба соҳибкорону сармоягузорон зиёда аз 110 имтиёз ва сабукиҳои андозиву гумрукӣ пешниҳод карда шуданд ва шумораи сохторҳои бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ аз 4 ба 1, мӯҳлати бақайдгирӣ аз 49 то 3-5 рӯз кам карда, ба таври ройгон ба роҳ монда шуд. Аз 1 январи соли 2022 Кодекси андоз дар таҳрири такмили нав мавриди амал қарор дода шуда, бо мақсади саноатикунонии босуръати кишвар, рушди соҳибкориву сармоягузорӣ ва ба ин васила ташкил кардани ҷойҳои нави корӣ аввалин маротиба дар даврони соҳибистиқлолӣ натанҳо имтиёзу сабукиҳои зикргардида нигоҳ дошта шуданд, балки ба қисми даромади буҷети давлатӣ боз иловатан сабукиҳои зиёд пешниҳод гардиданд. Бар замми ин, шумораи андозҳо аз 10 то 7 номгӯй кам гардида, меъёрҳои якчанд намуди онҳо паст карда шуданд.

**10.** Ҳадафи олии давлат ва Ҳукумати мамлакат беҳтар кардани шароити зист ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар буда, дар бист соли охир 3 ҳуҷҷати стратегии паст кардани сатҳи камбизоатӣ, 2 барномаи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум ва стратегияи дарозмуддати рушди кишвар қабул ва амалӣ гардид. Ҳоло татбиқи стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ва 176 барномаҳои давлатӣ татбиқ шуда истодааст. Барои татбиқи стратегияву барномаҳои мазкур дар бист соли охир аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 174 миллиард сомонӣ пешбинӣ шудааст. Дар солҳои истиқлолият дар мамлакат беш аз 3,3 миллион ҷойҳои кори доимӣ ва мавсимӣ таъсис дода шуда, шароити зиндагии сокинони мамлакат тадриҷан беҳтар гардид. Музди миёнаи меҳнат 87, андозаи нафақа 80 ва даромади пули аҳолӣ



75 баробар афзоиш ёфта, шумораи аҳолӣ аз 5,5 миллион нафари солҳои аввали истиқлолият ба андозаи 1,8 баробар зиёд шуда ба 9,8 миллион нафар расид. Бо назардошти ҳамасола ба миқдори зиёда аз 200 ҳазор нафар афзудани аҳолии мамлакат соли 2022 соли махсуси ба 10 миллион нафар расидани аҳолии Тоҷикистон мебошад. Дарозумрии аҳолӣ ба 75,1 сол расида, нишондиҳандаҳои фавти умумӣ 40 фоиз, фавти модарон ҳангоми таваллуд 73 фоиз ва фавти кӯдакони то 5-сола 85 фоиз паст гардид.

**11.** Сатҳи камбизоатии аҳолӣ аз 83 фоизи соли 1999 то ба 26,3 фоиз коҳиш дода шуд. Паст шудани сатҳи камбизоатӣ ва баланд шудани некӯаҳволии аҳолиро аз рӯи нишондиҳандаҳои дар паём зикргардида чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст:

- аз 277 ҳазор нафар муштариёни алоқаи телефонии соли 1991 дар соли 2021 ба 8 миллион нафар расида, истифодабарандагони шабакаи интернет зиёда аз 4,2 миллион нафарро ташкил медиҳанд;
- агар дар соли 1991 дар ҳудуди Тоҷикистон 216 ҳазор мошини сабукрави шахсӣ ба қайд гирифта шуда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2021 ба беш аз 2 миллион воситаҳои нақлиёти шахсӣ расонида шудааст;
- танҳо дар 10 соли охир барои истифодаи алоқаи мобилӣ шаҳрвандони мамлакат 30 миллиард сомонӣ маблағро хароҷот кардаанд;
- дар сурати дороиҳои бахши хусусии кишварро бо арзиши пулӣ ифода кардан, он баробар ба 400 миллиард сомониро ташкил дода, ҳаҷми пасандозҳои аҳолӣ дар низоми бонкӣ аз 93 миллион сомонии соли 2000-ум дар соли 2021 ба 10 миллиард сомонӣ расонида шудааст;
- дар замони истиқлолият барои бунёди хонаҳои истиқоматӣ 1 миллиону 400 ҳазор оила соҳиби замини наздиҳавлигӣ шудаанд. Тавре дар Паём махсус таъкид шуд, ҳадафи Ҳукумати мамлакат дар ин самт муҳайё сохтани шароити мусоид барои зисту зиндагии шоиста мебошад.

**12.** Дар ин давра бо мақсади рушди устувори сифатноки иқтисоди миллӣ ба масъалаҳои баланд бардоштани рақобатнокии иқтисоди миллӣ, ташаккул додани раванди рақамикунонии иқтисод, татбиқи ҳадафи «иқтисоди сабз», саноатикунонии босуръат, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва рушди неруи инсонӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шуд. Мувофиқи нақша дар панҷ соли минбаъда ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар нафар аҳолӣ то 2 маротиба зиёд карда, 870 корхонаи саноатӣ таъсис дода шуда, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 95 миллиард сомонӣ ва содироти он бояд ду баробар афзоиш дода шавад.

Бо ба назар гирифтани аҳамияти бузурги соҳаи саноат дар рушди минбаъдаи мамлакат, ҳалли масъалаҳои муҳими иҷтимоиву иқтисодӣ ва таъмини ҳадафҳои стратегии миллӣ Президенти мамлакат пешниҳод намуданд, ки то ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ солҳои 2022-2026 «Солҳои рушди саноат» эълон карда шавад. Барои ин, бояд дар ин давра зиёда аз 500 ҳазор ҷойи корӣ муҳайё карда шуда, даромади пулии аҳолӣ беш аз 2 баробар зиёд гардад ва сатҳи камбизоатӣ то 15 фоиз коҳиш дода шавад. Ҳамчунин, ироа гардид, ки бо мақсади рақамикунонии бомароми иқтисоди миллӣ ва ташаккул додани заминаи технологии он, зарурати тадриҷан ба иқтисоди рақамӣ дар ҳамаи соҳаҳо гузаштан пеш омадааст.

**13.** Ҳалли саривақтии масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ ва фароҳам овардани шароит ҷиҳати зиндагии арзандаи мардум, аз ҷумла, бо роҳи мунтазам таъсис додани ҷойҳои нави корӣ, зиёд намудани ҳаҷми даромади аҳолӣ, баланд бардоштани музди меҳнати кормандон, нафақа ва стипендияҳо аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин дар ин давра ба шумор мераванд. Бо дарназардошти ин ва бо мақсади тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ Президенти мамлакат пешниҳод намуданд, ки аз 1-уми январи соли 2022 музди меҳнати амалкунандаи хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 25 фоиз ва дигар кормандони ин мақомот 20 фоиз ва аз 1-уми июли соли 2022 музди меҳнати кормандони мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, муассисаҳои маориф, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва дигар ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ, инчунин стипендияи донишҷӯён ва дигар намудҳои стипендия 20 фоиз зиёд карда шавад. Ҳадди ақалли музди меҳнат аз 1-уми июли соли 2022-юм 50 фоиз зиёд карда, андозаи он дар ҳаҷми 600 сомонӣ муқаррар шавад.

**14.** Дар самти шуғли аҳолӣ, касбу ҳунар ва ислоҳоти таҳсилоту касб Президенти кишвар Ҳукумати мамлакатро вазифадор намуданд, ки барои мусоидат ба масъалаҳои шуғли аҳолӣ Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, ҳамчунин барномаҳои миёнамуҳлати он қабул ва амалӣ карда шаванд. Таъкид карда шуд, ки дар панҷ соли оянда бояд як миллион шаҳрвандони кишвар соҳибкасб гардонида шуда, сифати таҳсилот ва касбомӯзӣ дар муассисаҳои таълимӣ беҳтар ба роҳ монда шуда, он ихтисосу ҳунарҳое, ки истеҳсолоту бозори меҳнати ҷумҳурӣ ба он эҳтиёҷ дорад, таъсис ва ташкил карда шаванд. Ҷиҳати бо ҷойи кор ҷалб намудани сокинони мамлакат, махсусан ҷавонон ва занону бонувон дар самти соҳаҳои хизматрасонии сайёҳӣ, молиявию бонкдорӣ, нақлиёту коммуникатсия чораҳо андешида шуда, то 200 ҳазор ҷойи корӣ ташкил карда шавад.

**15.** Вобаста ба масъалаҳои мураккаби иқтисодӣ ва геосиёсии ҷаҳон, аз қабили низоъҳои тиҷоратӣ, афзоиши таҳримҳо, тағйирёбии иқлим, болоравии нархи маҳсулоти озуқаворӣ дар ҷаҳон, паҳншавии бемории КОВИД-19 ва дигар омилҳо дар соли 2021 суръати рушди иқтисодӣ ба беш аз 9 фоиз ба қайд гирифта шуда, афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 22 фоиз, маҳсулоти кишоварзӣ 6 фоиз, маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ 23 фоиз ва гардиши савдо 13 фоиз таъмин шуда, даромади пулии аҳолӣ дар муқоиса ба нишондиҳандаҳои соли 2020-ум 15 фоиз афзоиш ёфта, ба зиёда аз 75 миллиард сомонӣ баробар гардонида шуд. Бо назардошти чунин натиҷаҳо Ҳукумати мамлакат вазифадор карда шуд, ки дар соли 2022 барои ноил шудан ба нишондиҳандаҳои дурнамои рушди иҷтимоиву иқтисодӣ дар сатҳи на кам аз 8 фоиз таъмин кардани суръати рушди иқтисоди миллӣ чораҳои иловагӣ андешад. Ҳамчунин, зикр гардид, ки дар соли 2022 даромади буҷети давлатӣ дар ҳаҷми 33 миллиард сомонӣ пешбинӣ шуда, ки нисбат ба соли 2021-ум 19,4 фоиз зиёд аст. Хароҷот ба соҳаҳои иҷтимоӣ дар соли 2022 дар ҳаҷми 43,8 фоиз ба нақша гирифта шудааст. Дастовардҳои дигари самти мазкур чунин ироа шуд:

- дар даврони соҳибистиқлолӣ шумораи ташкилотҳои қарзӣ ба 63 ва воҳидҳои сохтории онҳо дар саросари ҷумҳурӣ ба 1850 расонида шуд;
- сармояи низоми бонкии кишвар нисбат ба соли 2000-ум 130 баробар афзоиш ёфт.

>>> Идомааш дар шумораи навбатӣ >>>

**Раҷабалӣ САНГОВ**





# ПОЙДЕВОРИ НЕРӮБАХШИ ДАВЛАТ



Оила пойдевор ва рукни муҳими ҷомеа ва давлат маҳсуб меёбад. Пешрафту тараққиёти мамлакат аз устуворӣ ва рушди оилаҳо вобастагӣ дорад. Оилаеро, ки дар он сулҳу салоҳ, ҳамдигарфаҳмиву дӯстдорӣ пойдор аст, хатари вайроншавӣ таҳдид намекунад. Оиладорӣ масъулияти бузург аст. Ҳам зан ва ҳам шавҳар дар назди ҷомеа масъул буда, вазифадор ҳастанд, ки барои пойдориву устуворӣ ва барқарории оилаи худ тамоми имкониятҳоро истифода баранд.

Ҳусусан, навхонадорон бояд пуртоқату дурандеш бошанд, пастиву баландиҳои зиндагиро бо маслиҳати ҳамдигар пушти сар намоянду ҳаёти худро бо меҳру муҳаббат рангин кунанд ва бикӯшанд, то рӯзгорашон ширину осуда гузарад.

Педагоги шинохта В.А. Сухомлинский хуб фармудааст: «Нахуствазифаи оила тарбияи шоистаи фарзандон аст. Мактаби асосии тарбия муносибати байниҳамдигарии зану мард, падару модар мебошад». Ҳаминро ҳам бояд зикр намуд, ки ҳатто як хатои ноҷои падару модар ба ҳаёти минбаъдаи кӯдак таъсири ҷиддии худро мерасонад. Агар байни падару модар нофаҳмие сар занад, дар фарзанд фикрҳое, ки ӯро ба роҳи ношоиста ҳидоят менамоянд, пайдо мешаванд. Фарзанде, ки пас аз пош хӯрдани оила танҳо ва дар тарбияи шахсони гуногун мемонад, хору зор мешавад ва тадриҷан ба оворагардӣ, дуздӣ, роҳзанӣ ва ҳатто ба одамкушӣ даст мезанад. Муассиртарин тарбия аз ҷониби волидайн дода мешавад.

Нуқтаи назари олимон бар он аст, ки нахустин устоди суханварӣ на Афлотун ва на Арасту, балки маҳз Модар аст ва ӯст, ки тавассути суханҳои ширину руҳнавозаш ба зеҳну тафаккури кӯдак бунёди худшиносиро гузошта, дунёи хаёли ӯро зебову рангин мегардонад. Инсон суханони падару модарашро як умр дар хотираш нигоҳ дошта, насиҳатҳои эшонро дар ҳаёт сармашқи кори худ қарор медиҳад. Дар овони ҷавонӣ, вақте фарзандон ба балоғат мерасанд, масъалаи оиладоркунии онҳо пеш меояд. Баъди чанде мебинед, ки оилаҳои бунёдгардида аз байн мераванд.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки мутаассифона, солҳои охир қатъи ақди никоҳ дар кишвар зиёд шудааст. Яке аз сабабҳои вайроншавии оилаҳо ба дунё омадани кӯдакони ноқис мебошад, ки дар бисёр ҳолатҳо натиҷаи никоҳи хешутаборӣ аст. Ин масъалаи мубрам имрӯз аҳли ҷомеаро ба ташвиш овардааст.

Никоҳи хешутаборӣ таърихи доманадор дорад, ки бештар миёни оилаҳои доро ба назар мерасад. Онҳо барои ҳифзи дороии худ кӯшиш мекунанд, ки фарзанди худро, ба истилоҳ, «ба ҷойи бегона» надиҳанд ва ба ин тариқ молашон бегона нашавад. Бо ин ҳадаф онҳо бо хешу табори наздики худ қудо мешаванд. Дар натиҷаи никоҳи ***амакдухтару тағобача ва ё холабачаю холадухтар*** фарзандони ноқис ба дунё меоянд ва ин ба вайроншавии оилаҳо оварда мерасонад. Ҷавонписарон дар оғози хонадоршавӣ аз никоҳи хешутаборӣ андеша намекунанд, вале баъде ки фарзанди маъюб таваллуд шуд, ҳам аз ҳамсар ва ҳам аз фарзанд канораҷӯӣ намуда, роҳи ҷудошавиро пайдо кардан мехоҳанд. Зан-модар бошад, дар даст фарзанди бемор намедонад чӣ кор кунад: як умр бо тарбияи фарзанди маъюби хеш машғул шавад ё ин ки фарзандашро ба ятимхона супораду аз пайи дубора пайдо намудани бахти худ гардад. Аз тарафи дигар, баъди пош хӯрдани оилаи фарзандонашон байни он ***акаву додар ва ё апаву хоҳар*** низ риштаи хешутаборӣ канда мешавад. Чӣ хеле, ки дар ин маврид мардум мегӯянд: «Қудо шудӣ, ҷудо шудӣ». Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи никоҳи хешутаборӣ» аз 23 августи соли 2016 ба тасвиб расидаву бо хешони наздик оила барпо карданро манъ карда бошад ҳам, мутаассифона, баъзеҳо ҳанӯз ҳам онро иҷро ва риоя намкунанд. Дар сурати ноқис ба дунё омадани тифлон аз чунин никоҳ волидон, (бештар калонсолони оила) изҳори пушаймонӣ менамоянд ва афсӯс мехӯранд, ки кошкӣ ба ин амал роҳ намедоданд. Дар халқ мақоли машҳуре ҳаст: «Илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ бояд кард». Ё худ ба қавли шоир:

***Зулайхо мурд аз он ҳасрат, ки***
***Юсуф гашт зиндонӣ,***
***Чаро оқил кунад коре, ки боз***
***орад пушаймонӣ?***

Чаро мардум дидаву дониста ба ин амал даст мезананд? Хатои нобахшидание, ки аз онҳо сар мезанад, ба оилавайронкунӣ ва ятим мондани кӯдакон оварда мерасонад. Ин амал зомин шудан ба саломатии тифлон ва беинсофии маҳз чизи дигаре нест.

Сарвари давлат дар Паёми навбатии худ ба мо дастур доданд, ки оила ва маърифату суннатҳои хонаводагиро муқаддас донем. Яъне, ҳар як фарди солимфикри ҷомеа пеш аз ҳама оид ба риояи муқарраротi Қонун «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва Паёми Сарвари давлатро ҳамчун дастуламал ва роҳнамои худ дониста, дар таълиму тарбияи дурусти насли наврас, омода кардани ҷавонон ба зиндагии мустақилона, пешгирии ақди никоҳи хешутаборӣ саҳмгузор бошад. Бо бунёди оилаи солим ва канораҷӯӣ аз никоҳи хешутаборӣ мо метавонем дар оянда фарзандони солиму худогоҳ ва насли бунёдкори миллатро ба камол расонем. Зеро танҳо фарзанди аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва маънавӣ солим метавонад ба қадри падару модар, Ватан, таъриху тамаддуни хеш расад ва ба давлату миллати худ хизмат кунад.

**Ҳотами ҲОМИД**



# ДАР АМАЛӢ ШУДАНИ НАҚШАҲОИ БУНЁДКОРИВУ СОЗАНДАГӢ САҲМГУЗОР БОШЕМ



Дар мувофиқа бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи 7 январи соли равон дар Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷлиси васеи ҳайати мушовара баргузор гардид, ки дар он муовини якум ва муовини Раиси Кумита, сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ, роҳбарони корхонаҳо ва ташкилотҳои лоиҳакашӣ ва сохтмонӣ, роҳбарон ва кормандони масъули зерташкилоту муассисаҳо, сармеъморони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, директорони корхонаҳои фаръии Корхонаи воҳиди давлатии «Лоиҳакаш» дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ва дигарон иштирок намуданд.

Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - Зувайдзода Маҳмадсаид Маҳмуд пеш аз ҳама ҳозиринро ба муносибати Соли нави мелодии 2022 самимона табрик гуфта, ба ҳар кадоми онҳо тансиҳативу рӯзгори обод, саодатмандию сарбаландӣ ва комёбиҳои нав ба навро ба хотири таъмини зиндагонии шоистаи ҳар як сокини кишвар ва пешрафти Ватани маҳбубамон - Тоҷикистони азиз орзу намуд. Ӯ ҳамчунин ёдовар шуд, ки бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 ноябри соли 2021 Абдураҳимзода Парвиз Абдураҳим - сардори Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонии Кумита, Абдурасулзода Шаҳриёр Абдурасул - сардори Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозии Кумита ва Ашӯрзода Бахтиёр Саидқул - сардори Раёсати экспертизаи давлатии ғайриидоравии ҳуҷҷатҳои лоиҳавии шаҳрсозии Кумита таъин гардиданд.

Ҳамчунин дар семоҳаи чоруми соли 2021 бо фармоишҳои Раиси Кумита директорони корхонаҳои фаръии Корхонаи воҳиди давлатии «Лоиҳакаш» дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров Воҳидов Беҳзод ва ноҳияи Лахш Давлатзода Зафар таъин карда шуданд. Ҳамчунин дар ин давра сармеъморони 4 шаҳру ноҳия дар мувофиқа бо Кумита ба вазифа таъин гардиданд. Ин ҳам бошад: шаҳри Истаравшан Азизов Фирдавс, шаҳри Панҷакент Ҷумъаев Раҳматулло, шаҳри Ваҳдат Зоирзода Ҷамшед ва ноҳияи Сангвор Раҷабов Ҳаким.

Дар рӯзномаи маҷлиси васеи ҳайати мушовара як масъала мавриди баррасӣ қарор гирифт: - «Дар бораи ҷамъбасти фаъолияти раёсату шуъбаҳо ва воҳидҳои сохтории Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон



дар соли 2021 ва вазифаҳо барои соли ҷорӣ».

Қайд гардид, ки тибқи ҳисоботҳои пешниҳодгардида натиҷаи фаъолияти раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказии Кумита, зерташкилоту муассисаҳо, сармеъморони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, корхонаҳои фаръии Корхонаи воҳиди давлатии «Лоиҳакаш» дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дар давраи ҳисоботӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуд ва барои ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта дар қарори ҳайати мушовара вазифагузорӣ карда мешавад.

Сипас, ҳисоботҳои сардори Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонӣ Абдураҳимзода Парвиз, Хадамоти иҷозатномадиҳӣ Абдурасулзода Шаҳриёр, сардори Раёсати экспертизаи давлатӣ Ашурзода Бахтиёр, директори КВД «Маркази нархгузорӣ» Ниёззода Азизбек, директори КВД ПИТ «Сохтмон ва меъморӣ» Саломов Муродбек, директори ҶСК «Саноатсоз» Мализода Баҳром, директори ҶСК «Корезлоиҳа» Худойдодзода Назар, директори КВД «Лоиҳакаш» Шарифзода Дилшод, директори ҶСК «Шаҳрофар» Шамсидинов Тоҷидин шунида шуданд.

Дар маърӯзаи ҳисоботӣ қайд гардид, ки санаи 21 декабри соли 2021 Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа гардида, самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дурнамо муайян гардид.

Соҳаи сохтмон ба шумори соҳаҳои калидӣ мансуб буда, дар бисёр маврид ҳалли вазифаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва техникии тамоми иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ қайд намуданд, ки "...Сохтмон яке аз соҳаҳои муҳими иҷтимоиву иқтисодӣ, инъикоскунандаи рушди кишвар ва сатҳу сифати зиндагии мардум мебошад".

Доир ба масъалаҳои соҳа таъкид намуданд, ки Кумитаи меъморӣ ва сохтмон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар мақомоти марбута ҳангоми таҳия ва татбиқи нақшаҳои генералии шаҳрҳо ва шаҳраку деҳоти мамлакат банақшагириву бунёди иншооти иҷтимоиву сайёҳӣ ва дигар иншоотро бо риояи ҳатмии қоидаву меъёрҳои шаҳрсозӣ ва сохтмон, санъати баланди меъморӣ, истифодаи васеи унсурҳои меъмории милливу замонавӣ, технологияҳои муосир ва масолеҳи сифатноки сохтмон таъмин намоянд.

Илова бар ин, дастур дода шуд, ки ҳангоми лоиҳакашӣ зарур аст, ки пеш аз ҳама, сохтмони мактабҳо, боғчаҳои кӯдакон, марказҳои саломатӣ ва дигар инфрасохтори иҷтимоӣ ва коммуникатсионӣ ба нақша гирифта, дар марказҳои шаҳру ноҳияҳо бунёди ҳатмии биноҳои истиқоматии баландошёна пешбинӣ карда шавад.

Дар амалӣ шудани нақшаҳои бунёдкориву созандагӣ ҳиссаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчун меъмори асосии кишвар хеле бузург аст ва ҳамеша соҳаи сохтмону меъмориро воқеан ҳамчун соҳаи ҳаётан муҳими ҷомеа дастгирӣ менамоянд.

Қайд гардид, ки кормандони соҳаи сохтмон ва меъмории мамлакат аз уҳдаи иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд низ бо сарбаландӣ баромада, дар самти боз ҳам ободу зебо гардонидани Ватани маҳбубамон саҳми муносиб мегузоранд.

Мо бояд раванди созандагиву бунёдкориро минбаъд низ ҳадафи асосии худ қарор дода, истифодаи самараноки ҳамаи воситаву захираҳои мавҷударо барои идома додани корҳои созандагӣ, рушди устувори иқтисодӣ, ободии диёр ва таҳкими имкониятҳои воқеии кишварамон таъмин намоем.

Дар анҷоми маҷлиси васеи ҳайъати мушовара оид ба масъалаи ҷамъбастӣ қарор қабул карда шуда, дар назди Кумита барои соли 2022 вазифаҳои мушаххас гузошта шуд.

**«РБ»**



# МИЁНИ ДОНИШГОҲИ ТЕХНИКИИ ТОҶИКИСТОН ВА ДОНИШГОҲИ КАСБӢ-ТЕХНИКИИ ИДОРАИ ШАҲРСОЗИИ ТЯНҶИНИ ЧИН ЁДДОШТИ ТАФОҲУМ БА ИМЗО РАСИД

**Миёни Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ ва Донишгоҳи касбӣ-техникии идораи шаҳрсозии Тянҷини Ҷумҳурии Мардумии Чин маросими ба имзо расонидани Ёддошти тафоҳум оид ба бунёди «Устохонаи ба номи Лу Бан» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, иттилоъ доданд аз Донишгоҳи техникии Тоҷикистон.**

Дар маросими баимзорасии Ёддошти тафоҳум ректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон профессор Қудрат Давлатзода, котиби кумитаи ҳизбии Донишгоҳи касбӣ-техникии идораи шаҳрсозии Тянҷини Ҷумҳурии Халқии Чин Ли Ҷинбин, директори генералӣ ва муовини директори генералии Trans-Tajik Gas Pipeline ltd. Лю Тао ва Тан Ҷин, раиси фахрӣ ва котиби генералии Федератсияи чиниҳои бурунмарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Хан Дунҷӣ ва дигар шахсони масъул иштирок намуданд.




Ректори Донишгоҳ Қудрат Давлатзода доир ба дастгириҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бобати фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти босамар миёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ҳамкории кишварҳо дар чорчӯби бунёди муштараки «Як камарбанд - як роҳ», пурзӯр гардидани иқтидори тарафайн дар самти амалӣ намудани лоиҳаҳои байналмилалӣ ва татбиқи онҳо, инчунин тақвият додани ҳамкорӣ иброз дошт, ки Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба тақвият ёфтани муносибатҳо бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвари бо мо дӯсту ҳамсоя - Ҷумҳурии Мардумии Чин аҳамияти махсус зоҳир менамояд.

«Итминон дорам, ки «Устохонаи ба номи Лу Бан» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баланд бардоштани сифати таълим ва ба бозори меҳнат рақобатпазир намудани хатмкунандагон - муҳандисони оянда саҳми арзанда мегузорад ва яке аз устохонаҳои намунавӣ дар Осиёи Марказӣ мегардад», - изҳор дошт ректори донишгоҳ.

Котиби кумитаи ҳизбии Донишгоҳи касбӣ-техникии идораи шаҳрсозии Тянҷини Ҷумҳурии Чин Ли Ҷинбин зикр намуд, ки дар заминаи муносибатҳои дӯстонаи Тоҷикистону Чин ва тадбирҳои созандаи Роҳбарияти Олии ҳарду кишвар зарур аст иқтидори ҷонибҳо барои ба сатҳи комилан нав баровардани ҳамкорӣ пурра истифода шавад.

Зикр гардид, ки «Устохонаи ба номи Лу Бан», ки бо дастгирии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бинои факултети сохтмон ва меъморӣ бунёд мегардад, аввалин устохонаҳо мебошад, ки аз ҷониби роҳбарияти Ҷумҳурии Чин дар миқёси Осиёи Марказӣ бунёд карда мешавад. Айни ҳол корҳои банақшагирӣ ва муайян намудани ҷой, масоҳат ва баҳодиҳии шароити зарурӣ ба анҷом расонида шудаанд.

# БА ДУШАНБЕ БАРОИ САНҶИШИ МАСОЛЕҲИ СОХТМОНИ РОҲ АЗ ИТАЛИЯ 110 ДАСТГОҲИ ОЗМОИШГОҲӢ ВОРИД МЕГАРДАД

**Дар пойтахти мамлакат - шаҳри Душанбе бо мақсади дастгирии соҳаи роҳсозӣ дастгоҳи истеҳсоли асфалти аълосифат бо иқтидори 160 тонна дар як соат ва таҷҳизоти сангмайдакунӣ бо иқтидори 140 тонна дар як соат ба маблағи 16 миллион сомонӣ харидорӣ гардид, ки соли равон ба истифода дода мешавад. Барои санҷиши масолеҳи сохтмони роҳ имсол аз Ҷумҳурии Италия 110 дастгоҳи озмоишгоҳӣ ворид мегардад, ки ин ҳама иқдомот баҳри баланд бардоштани сифати масолеҳи роҳсозӣ ва сохтмони роҳҳо дар пойтахт равона шудаанд.**



Дар ин бора дар ҷаласаи ҷамъбастӣ оид ба натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Душанбе дар соли 2021 ва вазифаҳо барои соли 2022, ки 12 январ дар пойтахт баргузор гардид, хабар дода шуд.

Тавре аз шуъбаи иттилоотии дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе иттилоъ доданд, дар ҷаласаи мазкур муҳтарам Рустами Эмомалӣ зикр намуданд, ки навсозӣ ва ба талаботи замони муосир мутобиқ гардонидани инфрасохтори пойтахт, махсусан, таҷдиду навсозии роҳҳо заминаи муҳими рушди минбаъдаи шаҳр маҳсуб мешавад.

Таъкид гардид, ки дар зарфи 5 соли охир дар пойтахт 162 километр роҳҳо навсозӣ карда шудаанд, ки 7,7 километри он ба соли сипаришуда рост меояд. Мақомот ҷиҳати пешгирӣ кардани воридшавии сел ба кӯчаву хиёбонҳои шаҳр то имрӯз 16 километр шабакаҳои селпарто сохта, ба истифода додааст.

Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ вобаста ба ҳолатҳои кашол додани муҳлати иҷрои корҳо дар баъзе иншооти роҳсозӣ, истифодаи масолеҳи пастсифат ва баъди ба истифода додани роҳҳо дар муҳлатҳои кӯтоҳ пайдо шудани ноҳамвориҳо, ҷиҳати ислоҳи камбудиҳои соҳа ва дар муҳлати муқарраршуда мутобиқ ба стандартҳои муосир ба истифода додани роҳҳо ба масъулин дастуру супоришҳо доданд.





# ДАР ДУШАНБЕ ҚАСРИ ФАРҲАНГИ МУОСИР БУНЁД МЕГАРДАД



Дар шаҳри Душанбе Қасри фарҳанги муосир бунёд мегардад, хабар медиҳад Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳри Душанбе. Лоиҳаи ангоравии қасрро гурӯҳи лоиҳакашии Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳри Душанбе таҳия намудааст.

**АМИТ «Ховар»**

**Туфайли сиёсати бунёдкоронаву созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти муаззами кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Ваҳдат натанҳо иншооти иқтисодию иҷтимоӣ ва истиқоматию хизматрасонӣ қомат меафрозанд, балки бунёди биноҳои маъмурӣ низ барои мақомоту ташкилоту муассисаҳо сол то сол вусъати тоза пайдо мекунанд. Тайи чанд соли охир ба истифода додани биноҳои ШВКД, нозироти андоз, идораи суғурта, «Спитаменбонк» ва «Тоҷиксодиротбонк» аз ҷумлаи онҳо ба ҳисоб мераванд.**

# БИНОИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАҲРИ ВАҲДАТ ҚОМАТ МЕАФРОЗАД

Инак, бунёди боз як бинои маъмурӣ барои комиҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Ваҳдат босуръат идома дорад. Бояд қайд кард, ки комиҷроияи ҳизб аз соли 1994, яъне аз рӯзи ташкилшавиаш бинои мустақили худро надошт. То имрӯз дар се ҳуҷраи бинои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр фаъолият дорад. Дар ин муддат аъзои ҳизби мазкур ба беш аз ҳашт ҳазор нафар расида, дар 188 ташкилоти ибтидоӣ муттаҳид мебошанд. Кормандони кумитаи иҷроия низ афзудааст, ки дигар дар се ҳуҷра фаъолият кардан барои онҳо мушкил гаштааст. Ҳаминро ба назар гирифта, собиқ раиси комиҷроияи ҳизб Руқия Раҳматзода дар такя ба воситаҳои молиявии комиҷроия ва аъзоёну соҳибкорони боҳиммат иқдоми бунёди бинои навро ба миён гузошт. Сохтмон соли 2019 оғоз ёфт. Таҳкурсии бино рехта шуд, вале бо сабаби пеш омадани бӯҳрони иқтисодӣ, рафти сохтмон ду сол мавқуф гузошта шуд. Тавре раиси тозаинтихоби комиҷроияи ҳизб Ислом Ҳайдарзода ба мо иброз дошт, бунёди бинои ҳизб бо маблағгузории худи комиҷроия, дастгирии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, хусусан раиси шаҳр ва соҳибкорони боҳиммату аъзои ҳизб аз моҳи октябри соли 2021 боз идома ёфт. Имрӯз корҳои бунёдкорӣ дар иншоот босуръат идома доранд. Аллакай таҳхона ва ошёнаи якуми бино сохта шудааст.



Иншооти мазкур тарҳи замонавӣ дошта, лоиҳаи онро корхонаи давлатии «Лоиҳакашӣ-истеҳсолӣ, меъморӣ ва банақшагирӣ»-и шаҳри Ваҳдат омода намудааст. Бино дар кӯчаи Сосониён, дар шафати варзишгоҳи марказии шаҳр қомат бардошта истодааст. Корҳои сохтмониро бинокорони ҶДММ «Самара-2017» (роҳбараш Рустам Акобиров) ба зимма доранд. Бино дар масоҳати 300 метри мураббаъ бунёд гардида, аз таҳхона ва панҷ ошёна иборат аст. Дар таҳхона хоҷагии ёрирасон ягон коргоҳи хурд ва ошхона дар назар аст. Дар ошёнаи якум, толори хурд барои 60 нафар, ҳуҷраи қабул ва посбон пешбинӣ шудааст. Ошёнаҳои 2-4-ум, ки аз 14 ҳуҷраи корӣ иборатанд, ҳуҷраҳои кории кормандон буда, дорои тамоми шароит мебошанд. Дар ошёнаи панҷум бошад, барои баргузории ҷаласаю чорабиниҳои гуногун толор барои 160 нафар бунёд мешавад.

Тавре раиси комиҷроияи ҳизб Ислом Ҳайдарзода иброз дошт, ба хотири дар таъмини амнияти озуқаворӣ мамлакат саҳм гузоштан ва баъзе корҳои таъмиру тармими биноро анҷом додан, мақсад доранд, ки ба моҳипарварию занбӯри асалпарварӣ низ машғул шаванд. Барои ба чунин корҳо машғул шудан имкониятҳо мавҷуданд.

Бинокорон тамоми кӯшишу ғайратро ба он равона кардаанд, ки то ҷашни Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон биноро пурра сохта, ба истифода диҳанд. Дар арафаи ҷашни истиқлолият ин барои кормандони ҳизб як туҳфаи хубе ва ҳам як дастовези муносиб барои ҷашн мешавад.

**Амруллоҳи ЗАБИР**

# TIСА ДАР ҲИСОР БАРОИ ДОНИШҶӮЁНИ ДОНИШГОҲИ АГРАРӢ БОҒИ ИНТЕНСИВӢ БУНЁД МЕНАМОЯД

**Агентии Туркия оид ба ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ (TIСА) дар ҳамкорӣ бо Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур дар ҳудуди пойгоҳи озмоишгоҳи илмӣ ва таълимии «Кишоварз»-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон, воқеъ дар шаҳри Ҳисор барои донишҷӯёни Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон боғи интенсивӣ бунёд менамояд.**



Бино ба иттилоъи дафтари TIСА дар Тоҷикистон боғи интенсивӣ дар доираи Барномаи рушди боғпарварии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани савияи дониш ва малакаи касбии донишҷӯёни Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон таъсис дода шуда, он ҳамчун боғи мевадиҳандаи тадқиқотӣ-таҷрибавӣ ва як маркази ниҳолпарварии муҷаҳҳаз бо технологияҳои муосир хоҳад гардид. Боғи интенсивӣ инчунин бо низоми обёрии қатрагӣ, низоми такягоҳи сарпӯш ва дигар таҷҳизоти зарурӣ бо технологияи муосир таъмин мегардад. Алҳол бо истифода аз чоҳи обе, ки сохта шудааст, насби низоми муосири обёрии қатрагӣ оғоз гардидааст.

Дар доираи лоиҳа дар масоҳати 2,5 гектар боғ ва ниҳолхонае, ки аз навъҳои гуногуни ниҳоли себ, олу ва олучаҳо иборат аст, ҷойгир карда мешаванд. Дар маҷмӯъ дар боғи интенсивӣ 15 ҳазор бех ниҳол шинонда хоҳад шуд. Ҳадафи лоиҳа, ки аз ҷониби TIСА дастгирӣ мешавад, такмили дониш ва малакаи касбии донишҷӯёни донишгоҳ, дастгирии таҳсилоти амалии онҳо ва фароҳам овардани имкони омӯзиши таҷриба дар соҳаи боғдорӣ мебошад. Илова бар ин, ниҳолҳои мевадиҳанда, ки дар солҳои наздик дар ин марказ парвариш хоҳанд шуд, дар рушди боғдории миллӣ ва парвариши меваҳои гуногун дар Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Ҳамзамон дар доираи Барномаи рушди боғпарварии Тоҷикистон, дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон, бо иштироки мутахассиси Институти мевапарварии Эгирдири Туркия Доктор Ҳасан Ҷумҳур Сарису барои устодону донишҷӯёни Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон машварати омӯзишӣ оид ба мевапарварӣ гузаронида шуд.

Агентии Ҳамкорӣ ва Ҳамоҳангсозии Туркия соли 1992 бо ҳадафи кӯмак ба кишварҳои дар ҳоли рушд бо мақсади мусоидат дар ташаккули иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ва густариши равобит бо онҳо дар бахшҳои иқтисод, тиҷорат, илм, фанноварӣ, фарҳанг, маориф ва рушди иҷтимоӣ таъсис дода шудааст. Алҳол TIСА дар беш аз 60 кишвари ҷаҳон намояндагӣ дошта, дар зиёда аз 170 давлат фаъолият мекунад. TIСА дар кишварҳое, ки фаъолият дорад, даҳҳо ҳазор лоиҳаро амалӣ кардааст. Дар Тоҷикистон TIСА фаъолияти худро соли 1995 оғоз намуда, то соли 2021 ҳукумати Туркия тавассути TIСА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 500 лоиҳаро дар соҳаҳои гуногун амалӣ намуд. Айни замон самтҳои афзалиятноки асосии Агентӣ рушди захираҳои инсонӣ, беҳбуди инфрасохтори соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва кишоварзӣ мебошанд.

**М. САИДЗОДА**



# ДАР ШАҲРИ ҲИСОР БИНОИ ПАНҶОШЁНАИ БИСЁРҲУҶРАДОР БУНЁД МЕГАРДАД

Бо иштироки Раиси шаҳри Ҳисор Шарифҷон Ҷумъазода ва собиқадорони меҳнати шаҳр дар деҳаи Ҳаёти Нави Ҷамоати деҳоти Ҳисор ба сохтмони бинои нави панҷошёнаи бисёрҳуҷрадор, ки барои кормандони Комбинати нобинаён пешбинӣ шудааст, оғози расмӣ бахшида шуд. Фармоишгари асосии бино, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ҳисор буда, бино аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ сохта мешавад.

Лоиҳаи биноро Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Созанда 2012» бо намои хеле зебои замонавӣ тарҳрезӣ намуда, сохтмонашро ҶДММ «Сомониён» ба уҳда дорад. Тибқи нақшаи сохтмончиён бино ба муносибати 35-солагии ҷашни Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохта, мавриди истифода қарор дода мешавад.

Аснои шиносоӣ бо рафти оғози корҳо сохтмонӣ ба раиси шаҳр иттилоъ дода шуд, ки дар сохтмони бинои мазкур 12 нафар сокинони маҳаллӣ ҷалб гардида, бо кори доимӣ ва маоши хуб таъмин гардидаанд.

# ДАР ДУШАНБЕ ҶАШНИ САДА БОШУКУҲ ТАҶЛИЛ ГАРДИД

**Рӯзи 30 январи соли равон дар Боғи фарҳангию фароғатии ба номи Абулқосим Фирдавсии шаҳри Душанбе бо ибтикори Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ҷашни Сада бо шукуҳу шаҳомати хоса ва намоиши ниҳолҳою тухмии зироат, олоти кории деҳқонон, анвои гуногуни таомҳои миллӣ ва ҳунарҳои мардумӣ таҷлил карда шуд.**




Фазои боғ идона буда, дар ҳар гӯшаи он кишоварзон аз минтақаҳои гуногуни мамлакат маҳсули бо ранҷ парваридаи худро, ки хоси он минтақа мебошад, инчунин олоти кории кишоварзӣ, тухмии зироат, техникаҳои соҳавӣ, хӯрокҳои миллӣ, гулу буттаҳои ороишӣ ва дигар маҳсулотеро, ки ифодагари ҷашни Сада мебошанд, пешниҳоди ҳозирин гардониданд.

Дар ҳамоиши мазкур муовини Сарвазири мамлакат Сулаймон Зиёзода, Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа Эмомалӣ Насриддинзода, муовини Раиси шаҳри Душанбе Умед Гуреззода, Вазири кишоварзӣ Саъдӣ Каримзода ва намояндагони дигар вазорату идораҳо ва корпусҳои дипломатӣ, инчунин аҳли илму адаби мамлакат, кишоварзони вилоятҳои Суғд, Хатлон, ВМКБ ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ иштирок намуданд.

Муовини Сарвазири мамлакат Сулаймон Зиёзода иброз намуд, ки «Сада аз сипарӣ шудани зимистон, наздик шудани фасли баҳор ва оғози корҳои кишоварзон мужда медиҳад. Ҳамин ки айёми сардиҳо поён меёбад, замин аз борони найсон ва барфу об нашъа мегирад. Аз замин, ки рискрасони марди деҳқон аст, бӯи хоки мушкбез ба димоғ мерасад. Дар замони гузашта ҷашни мазкур дар майдонҳои васеъ ва талу теппаҳо бо иштироки тамоми мардум гузаронида мешуд, ки аз якдилию муттаҳидии аҷдодони мо дарак медиҳад».

Тавре Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми табрикии худ ба муносибати ин ҷашни аҷдодӣ иброз доштанд: «Дар замони соҳибистиқлолӣ мо ҷашни Садаро ба ҳайси маросими кишоварзону боғдорон ва дар маҷмуъ, ҳамчун ойини сирф мардумӣ таҷлил менамоем ва дар таблиғи ғояҳои неку моҳияти арзишманди он, аз қабили садоқат ба Ватан, осоишу ваҳдати инсонҳо, дӯст доштани табиат ва заҳмат ба хотири баракату фаровонӣ саъю талош меварзем».

Бинобар ин, Сарвари давлат таъкид доштанд, ки ба кишоварзони мо дар ин айём зарур аст, ки тухмии хушсифати зироатҳо ва ниҳолҳоро омода намуда, корҳои яхобмонӣ, тоза кардани ҷӯю заҳбурҳо ва дарахтон, яъне тайёрии ҳаматарафа ба киштукори баҳориро ба анҷом расонанд ва барои ҳосили фаровон замина гузоранд.

«Панҷоҳ шабу панҷоҳ рӯз пеш аз фарорасии ҷашни Наврӯз таҷлил гардидани Сада низ моро водор месозад, ки ба истиқболи сазовори Наврӯзи ҷаҳонӣ ва киштукори баҳорӣ омодагии ҳаматарафаро вусъат бахшем», - тазаккур доданд Президенти мамлакат.

Ҳамчунин дар ин рӯз намоиш-фурӯши ниҳолҳо ва гулу буттаҳо баргузор гардид.

# ҶАШНИ САДА - МУЖДА АЗ ОҒОЗИ КОРҲОИ КИШОВАРЗӢ



***«Дар замони истиқлолият иди Сада баробари дигар маросиму суннатҳои миллии мо умри дубора пайдо карда, таҷлили ҳарсолаи он ба ҳукми анъана даромад ва дар радифи ҷашнҳои миллиамон ба қонунгузории мамлакат ворид гардид». Чунин изҳори назар намуд Раиси шаҳри Исфара Баҳоваддин Баҳодурзода зимни таҷлили ҷашни Сада ва намоиши техникаи кишоварзӣ, ниҳолу гулбуттаҳо, сабзавоту меваҳои шаҳдрез дар ноҳияи мазкур.***

Тавре аз Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Исфара хабар доданд, дар гулбоғи ба номи Сайфи Исфарангии маркази шаҳр, ки идгоҳи асосӣ буд, техникаи кишоварзӣ, ниҳолу гулбуттаҳо, сабзавоту меваҳои шаҳдрез ва тухмии зироат ба намоиш гузошта шуданд, ки ифодагари омодагии марди деҳқон ба фасли баҳор мебошанд.

Раиси шаҳри Исфара Баҳоваддин Баҳодурзода иброз намуд, ки ба шарофати соҳибистиқлолӣ анъанаву суннатҳо ва ҷашнҳои миллии мардуми куҳанбунёди мо эҳё гардида, арҷгузорӣ ба онҳо сол ба сол бештар мешавад.

Зикр карда шуд, ки маҳсули ҳунарҳои мардумии ба намоиш гузоштташудаи намояндагони ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, корхонаву ташкилот ва муассисаҳои таълимӣ аз завқи баланд, маҳорати беназир ва таърихи бойи косибиву ҳунармандӣ дар Исфара дарак медод.

Сада иди мужда аз тайёрӣ ва пеша намудани корҳои нави кишоварзӣ маҳсуб мешавад. Тоҷикон, ки аз қадимулайём мардуми кишоварз буда, бо меҳнату заҳмати хеш маводи ғизоӣ ба даст меоваранд, аз ин рӯ аввалин тарғибкунандагони ин иди аҷдодӣ мебошанд.

Ин маросими ҷашнӣ ҳамеша ба шакли бо ҳам ҷамъ шудани мардуми шаҳр, маҳалла ва деҳот дар як ҷо ва бо оташафрӯзии бузурги суруру шодмонӣ баргузор мегардад.

Зимни таҷлили ҷашни Сада дар вазъияти тантанавӣ ба беҳтарин кишоварзону боғпарварон ва чорводорони шаҳру деҳоти Исфара Сипоснома ва туҳфаҳои хотиравӣ супорида шуданд.

Дар анҷом барномаи фарҳангии пурмуҳтаво пешкаши ҳозирин гардонида шуд.

# ДАР ИСТАРАВШАН БАХШИДА БА ҶАШНИ САДА НАМОИШИ ТЕАТРӢ ДОИР ГАРДИД



***Ҷашни Сада дар Ҷамоати деҳоти Нофароҷи шаҳри Истаравшан, ки макони асосии тантанаҳои ҷашнӣ интихоб шуда буд, бо шукуҳу шаҳомати хоса таҷлил карда шуд. Дар ҷашнгоҳ ярмарка-фурӯши ниҳол ва маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ташкил гардид, хабар дод корманди Хадамоти матбуоти Раиси вилояти Суғд Андар Раҳмонӣ.***

Дар ҷашнгоҳ ҳамчунин гулхани рамзӣ афрӯхта шуда, барои шодию фараҳи иштирокдорон гурӯҳи ҳунармандони шаҳр намоиши театриро пешниҳоди ҳозирин гардониданд. Зимни он саҳнаҳои ҷолибу диданӣ аз рӯзгори ниёгон бо мақсади таҷлили ҷашни нуру гармӣ манзур гардиданд, ки далели воқеии иди қадимӣ ва таърихӣ будани Сада барои тоҷикон мебошад.

Намоиши таомҳои миллӣ, ҳунарҳои мардумӣ, навъҳои тухмии зироат, техникаҳои соҳавӣ ва маҳсули меҳнати дастии донишҷӯён аз ҷониби ҷамоатҳои деҳот, кумитаи маҳаллаҳо, коллеҷи ҳунарҳои мардумӣ, литсейи касбии техникӣ ва ташкили бозиҳои варзишии миллӣ аз ҷониби варзишгарони шаҳр шукуҳи ҷашнро афзунтар гардонид.

Раиси шаҳри Истаравшан Адҳам Маъмурзода гуфт, ки иштироки васеи сокинон дар ҷашни Сада гувоҳи арҷгузории мардум ба ин иди бостонӣ мебошад. Ин ид дар аҳди қадим, махсусан замони Сомониён бо шукуҳу шаҳомати хос истиқбол гирифта мешуд ва имрӯз дар даврони соҳибистиқлолӣ рукну оинҳои он аз нав эҳё гардидаву халқи тоҷик онро бо ифтихору сарфарозӣ таҷлил менамоянд.

Мавсуф ҳамзамон баргузории чунин ҷашнҳои оммавии бошукуҳро, ки тайи солҳои охир ба ҳукми анъана даромадааст, нишонаи иттиҳоду сарҷамъӣ ва ҷонибдории сокинон аз сиёсати пешгирифтаи Пешвои миллат ва Ҳукумати мамлакат арзёбӣ намуд.

«Мояи ифтихори ҳар яки мост, ки бо шарофати соҳибистиқлолӣ анъанаву суннатҳо ва ҷашнҳои миллии мардуми куҳанбунёди мо эҳё гардида, арҷгузорӣ ба онҳо сол ба сол бештар шуда истодааст.

Аз сарчашмаҳои таърихӣ бармеояд, ки Сада миёни ҷашнҳои мардуми мо мақому манзалати хоса дорад, зеро он ифодагари омодагӣ ба гардиши табиат мебошад», - гуфт раиси шаҳр.

# ДАР КӮЛОБ БАХШИДА БА ҶАШНИ САДА КИШОВАРЗОНИ ФАЪОЛ ҚАДРДОНӢ ГАРДИДАНД

***25 январ дар шаҳри Кӯлоб ҷашни Садаро бо тантана таҷлил намуданд. Ҷашни бостонии Сада аз намоиши маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ, ки аз ҷониби бонувони ҷирадаст омода шудаанд, инчунин дастовардҳои кишоварзии ҷамоату деҳоти шаҳр, устодону донишҷӯёни муассисаҳои оливу миёнаи таълимӣ ва дигар ташкилоту муассисаҳои шаҳри Кӯлоб огоз гардид, хабар доданд аз бахши матбуоти мақомати иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб.***



Намоиши дастовардҳои кишоварзон бозгӯи он буд, ки деҳқонони шаҳру ноҳияи Кӯлоб соли 2021 ҳосили фаровон бардошта, дар таъмини амнияти озуқавории мамлакат ва афзоиши ҳаҷми содироти маҳсулоти кишоварзӣ ба хориҷ аз мамлакат саҳми арзанда гузоштаанд.

Бахшида ба ҷашни Сада як гуруҳ кормандону мутахассисони фаъоли соҳаи кишоварзӣ, ҷамоату деҳот, масъулин ва кормандони ташкилоту муассисаҳои шаҳри Кӯлоб бо «Ифтихорнома» ва «Сипоснома»-и мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб қадрдонӣ гардиданд.

Дар соли сипаришуда заҳматкашони шаҳри Кӯлоб ба андозаи 663,5 миллион сомонӣ маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол намуданд, ки ин нишондиҳанда дар қиёс ба соли пеш 16,4 млн сомонӣ зиёд мебошад. Дар ин давра аз шаҳр зиёда аз ҳазор тонна маҳсулот, аз ҷумла, 955 тонна сабзавот, 81 тонна меваҷот ва 21 тонна дигар намуди маҳсулот ба хориҷи мамлакат содирот шудааст.

Муовини якуми раиси вилояти Хатлон Амонулло Салимзода сокинони шаҳрро ба муносибати ҷашни Сада табрик гуфта, бароятон рӯзгори хушу пурбаракат таманно намуд ва барои дар сатҳи баланд омода намудани намоишгоҳ ба онҳо изҳори сипос намуд.

Мавсуф зикр намуд, ки «бо шарофати соҳибистиқлолии кишвар мардуми Тоҷикистон, аз ҷумла, сокинони Хатлонзамин ин ҷашни бостониро дар руҳияи баланди арҷгузорӣ ба мероси маънавии хеш дар сатҳи баланд таҷлил менамоянд».

Зикр гардид, ки ба муносибати иди Сада, ки ифодагари ҷовидонагии Хуршед, рамзи бедоршавии табиат, намоди оташу гармӣ, нур ва некӣ, оғози кишту кор ва мафҳуми аз сардӣ ба гармӣ расиданро дорад, барномаҳои ҷолиби фарҳангӣ, намоиши ҳунарҳои мардумӣ, ярмаркаи фурӯши гулу ниҳолҳо ва дигар маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин чорабиниҳои гуногуни варзишӣ гузаронида мешаванд.

Иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Кӯлоб Бахтиёр Назарзода изброз дошт, ки мардуми шарафманди шаҳри Кӯлоб дар қатори дигар сокинони сарбаланди кишвар, ки табиатан ба некиву покӣ ва гармиву рӯшноӣ майл доранд, ҷашни Садаро бо хушиву хурсандӣ истиқбол гирифта, чун ниёгони хушсалиқаамон аз имрӯз шуруъ карда, ба мавсими кишту кори баҳорӣ омодагӣ мегиранд. Барномаи идона бо ҳунарнамоии аҳли фарҳангу санъати шаҳр ва вилояти Хатлон ба охир расид.

# ТАҶЛИЛИ САДА ГУВОҲИ АЗ ҚАДИМ ЗАМИНДОР, ЧОРВОДОР ВА ҲУНАРМАНД БУДАНИ ТОҶИКОН АСТ



***Ба муносибати ҷашни Сада - иди бостонии тоҷикон дар маркази шаҳри Роғун ҷамъомади идонаи пуршукуҳ баргузор гардида, зимни он маҳсулоти кишоварзӣ ва дастранҷи заҳматкашону ҳунарҳои мардумии шаҳр ба маърази тамошои сокинону меҳмонон гузошта шуд.***

Дар ҳамоиш зикр шуд, ки «Сада яке аз куҳантарин ҷашнҳои мардуми ориёинажод буда, гузаштагонамон онро ҳамчун рамзи аҳду паймон ва дӯстиву муҳаббат, мужда аз фасли зебои сол, яъне баҳор ва оини меҳрпарастӣ таъбир кардаанд. Ин ҷашн ба ҷузъи таркибӣ ва ҷудоинопазири анъанаҳои миллии мо табдил ёфта, мардуми қадимӣ ва кишоварзу косиб будани ориёитаборонро исбот менамояд. Маросиму суннатҳои ин ҷашни бостонӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки тоҷикон ва дигар халқҳои ориёӣ аз қадим ба заминдорӣ, ҳунармандӣ ва чорводорӣ машғул буда, ба табиат муҳаббати хоса доштаанд. Онҳо дигаргуниҳои табиатро эҳсос карда, барои қонеъ сохтани ниёзҳои руҳиву равонии худ ойину ҷашнҳо эҷод кардаанд, ки умеду орзуи одамон дар онҳо самимӣ, табиӣ ва гуворо ифода ёфтаанд».

Ҳамчунин дар ҳамоиш зикр гардид, ки таҷлили расмии иди мазкур далели он аст, ки мардуми шарафманди шаҳри Роғун дар партави сиёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯ ба арзишҳои гузаштаи фарҳангии хеш оварда, эҳёи онҳоро вазифаи асосии худ медонанд. Аз ин хотир, анъанаву расму оинҳо ва фарҳанги ғании мардуми тоҷик, ки аз қадимулайём бо замин сарукор доштанд ва соҳиби маданияти баланди заминдорӣ буданд, то имрӯз зинда боқӣ монда, ҳамчун ҷузъи таркибии тамаддуни умумибашарӣ барои инсоният хизмат менамоянд.

# ТАҶЛИЛИ ҶАШНИ САДА ДАР НОҲИЯҲОИ САНГВОРУ ЛАХШ ВА ШАҲРИ ТУРСУНЗОДА



***Дар шаҳри Турсунзода ва ноҳияҳои Сангвору Лахш иди Сада бо риояи суннатҳои аҷдодӣ ва шукуҳу шаҳомати хосса таҷлил гардид. Фаъолону кишоварзон ва дигар сокинон дар макони баргузории ин чорабиниҳо гулхан афрӯхта, дар атрофи он бо хурсандӣ давр зада, омодагии худро ба давраи муҳайё сохтани шароит барои кишту кори баҳорӣ изброз доштанд.***

Дар маросими таҷлили ин ҷашни таърихӣ намоишгоҳҳои идонаи иборат аз маҳсулоти кишоварзӣ, ниҳол, гулу буттаҳо, тухмии зироати кишоварзӣ, олоти меҳнати марди деҳқон, маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ ва анвои гуногуни хӯрокҳои миллӣ ташкил шуданд, ки аз меҳнати содиқонаву софдилонаи кишоварзони шаҳри Турсунзода ва ноҳияҳои Лахшу Сангвор дарак медиҳанд.

Масъулини мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Турсунзода гуфтанд, ки ҷашни Сада аз ҷовидонии хуршеди оламтоб башорат дода, ифодаи пайванди зиндагии инсонҳо бо табиат, давраи омодагӣ ба истиқболи баҳору Наврӯз, инчунин омодагӣ ба кишту кори баҳорӣ ва дигар корҳои кишоварзӣ мебошад.

Хушбахтона, соли 2021 кишоварзони шаҳри Турсунзода ба андозаи беш аз як миллиард сомонӣ маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол намуданд, ки нисбат ба соли гузашта беш аз 200 миллион сомонӣ зиёд мебошад. Дар ин давра зиёда аз 29 ҳазор тонна маҳсулот, аз ҷумла, 24 ҳазор тонна ангур ба мамлакатҳои дуру наздик содирот гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 23 ҳазор тонна зиёд аст.

Раиси ноҳияи Сангвор Маҳмадшоҳ Давлатзода изҳор дошт, ки «Мояи шодмонист, ки кишоварзони ноҳия имсол низ ҷашни расмии Садаро бо дастовардҳои ҷолиби меҳнатӣ пешвоз мегиранд. Кишоварзӣ дар ноҳияи Сангвор соҳаи асосӣ ва афзалиятнок ба ҳисоб рафта, зиёда аз 70 фоизи аҳолии қобили меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият мекунанд. Хушбахтона, маҷмӯи маҳсулоти кишоварзии ноҳия соли 2021 ба 218,8 миллион сомонӣ баробар гардид, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2020 12 миллиону 900 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад».

**АМИТ «Ховар»**

# ДАР БӮСТОН СОХТМОНИ СЕ КОРХОНАИ ИСТЕҲСОЛӢ ҶАРАЁН ДОРАД

**Дар шаҳри Бӯстони вилояти Суғд айни замон сохтмон ва муҷаҳҳазсозии се корхонаи нав - ҶДММ "Нуртез", корхонаи истеҳсол ва коркарди фулузоти ҶДММ "Ганҷофар" ва корхонаи заргарии "Зари Суғд" ҷараён дорад, хабар дод корманди хадамоти матбуоти Раиси вилояти Суғд Андар Раҳмонӣ.**



Тавре маълум аст, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади рушди бештари иқтисодиёт, зиёд намудани корхонаҳои саноатӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ солҳои 2022-2026-ро панҷсолаи рушди саноат эълон намуданд. Ин тадбири муҳим саривақтӣ буда, ба амалигардонии ҳадафи чоруми стратегӣ - саноатикунонии босуръати кишвар мусоидат менамояд.

ҶДММ «Нуртез» бо назардошти талаботи бозор ва ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда сохта шуда, дар он 60 намуди меҳҳои гуногун барои сохтмон истеҳсол карда мешаванд. Корхонаи мазкур метавонад дар як моҳ 40 тонна меҳҳои гуногунҳаҷм истеҳсол намояд.

Дар ҶДММ «Ганҷофар» истеҳсоли профилҳо барои сохтмон ва қубурҳои калонҳаҷм ба роҳ монда шуда, баъди ба истифода додани корхона 25 нафар соҳиби ҷойи кор мегарданд.

Дар корхонаи заргарии «Зари Суғд» васлу насби таҷҳизот идома дошта, барои воридсозии дастгоҳҳои муосир бо ширкатҳои истеҳсолии Олмону Чин ва Туркия шартномаҳо баста шудаанд. Маҳсулоти корхона барои қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба истифода дода шуда, марҳила ба марҳила дар он то 50 нафар бо кор таъмин мешаванд.

**ҶДММ «Шарафи рӯз» дар шаҳри Истаравшан муҷаҳҳазсозии корхонаи истеҳсоли маҳсулоти сохтмониро идома дода, бо ин мақсад аз Ҷумҳурии Мардумии Чин таҷҳизоти замонавӣ бо маблағи 3,7 миллион сомонӣ харидорӣ гардидааст. Корхона дар як сол метавонад 430 000 кг ашёи хоми кимиёвиро, ки аз хориҷ ворид карда мешавад, коркард намуда, 12 намуд маҳсулот истеҳсол намояд. Тибқи нақша, дар марҳилаи аввал то 60 нафар ва бо татбиқи муваффақонаи лоиҳа то 200 нафар соҳиби ҷойи кор мешаванд, хабар дод корманди хадамоти матбуоти Раиси вилояти Суғд Андар Раҳмонӣ.**

# ДАР ИСТАРАВШАН КОРХОНАИ ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ СОХТМОНӢ БУНЁД ГАРДИД



12 январ Раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода ба шаҳри Истаравшан сафари корӣ анҷом дода, аз ҶДММ «Шарафи рӯз» боздид кард ва бо ҷараёни муҷаҳҳазсозии ин корхонаи истеҳсолӣ шинос гардид.

Раиси вилоят барои иҷрои корҳо ва амалисозии пурраи лоиҳа ба роҳбарияти шаҳр ва масъулин супоришҳо дода, зикр намуд, ки барои амалисозии ҳадафи стратегӣ - саноатикунонии мамлакат бояд аз тамоми имконият истифода бурда шавад.

Бо назардошти Солҳои рушди саноат эълон шудани солҳои 2022-2026 ташкили боз як корхона дар ин самт саривақтӣ буда, ба рушди соҳаи саноат мусоидат менамояд.

Тибқи маълумоти оморӣ, ҳоло дар Истаравшан 50 корхонаи калону хурди истеҳсолӣ фаъолият мебаранд. Соли 2021 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар шаҳр ба 577 880,6 ҳазор сомонӣ баробар гардид, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд мебошад.

# ДАР ХУҶАНД КОРХОНАИ МУШТАРАКИ ИСТЕҲСОЛИ ЛИФТҲО БУНЁД МЕГАРДАД

**Раиси шаҳри Хуҷанд Фирдавс Шарифзода 24 январ бо намояндагони ширкати «Могилевлифтмаш»-и Беларус вохӯрӣ намуд, ки зимни он ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, то дар зудтарин фурсат бо ҷалби гурӯҳҳои корӣ дар шаҳри Хуҷанд ба таъсиси корхонаи муштараки истеҳсоли лифтҳо оғоз намоянд, хабар медиҳад мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр.**

Зимни мулоқот бо намояндагони ширкат Раиси шаҳри Хуҷанд Фирдавс Шарифзода зикр намуд, ки бо шарофати саъю талошҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Беларус муҳтарам Александр Лукашенко муносибатҳои ду мамлакат тайи солҳои охир ба сатҳи сифатан нав бароварда шуданд. Намунаи олии он ҳамкории судманд дар чорчӯбаи шарикии босамар миёни бародаршаҳрҳо - Хуҷанд ва Могилёв эҳсос мешавад.

Сардори бюрои фурӯши ширкати беларусии «Могилевлифтмаш» Александр Сорокин зимни суҳбат иброз дошт, ки ҳадаф аз сафари намояндагони ширкат - ин ба роҳ мондани ҳамкорӣ ва ташаккули фаъолияти судманди тарафайн мебошад. «Могилевлифтмаш» омода аст, ки корхонаву ташкилот ва аҳолии шаҳри Хуҷандро бо лифтҳои замонавӣ таъмин намояд. Ширкат таҷрибаи зиёди истеҳсолиро дар ин самт доро буда, асосан лифтҳои борбардорӣ, боркашонӣ



барои хонаҳои баландошёна ва барои беморхонаю коттеҷҳо бо зиёда аз 180 моделро истеҳсол менамояд. Иқтидори борбардорию боркашонии лифтҳо аз 100 кило то 6 ҳазору 300 кило мебошад.

Дар ин ширкат инчунин лифтҳо барои шахсони маъюб, эскалатору траволаторҳо, борбардорҳои сохтмонӣ ва резакунакҳо (молчерҳо), молҳои сермасриф истеҳсол карда мешаванд. Ширкат омода аст, ки дилхоҳ шакли ҳамкориро қабул намояд.

Раиси шаҳри Хуҷанд омодагии мақомоти шаҳрдориро ҷиҳати ба роҳ мондани корхонаи муштараки васлу насб ва истеҳсоли лифтҳо изҳор дошта, таъкид намуд, ки он имкон медиҳад талаботи сокинони аҳолии хонаҳои баландошёна ва идораву корхонаҳо таъмин гардад. Ҷонибҳо ҳамзамон барои қонеъ намудани талаботи дигар шаҳру навоҳии мамлакат низ сайъ менамоянд.

Сипас, намояндагони ширкати беларусии «Могилевлифтмаш» бо имконоти майдони истеҳсолии «Хуҷандторгмаш» аз наздик шинос шуда, бо роҳбарияти он доир ба иқтидори корхона ва дастгоҳу таҷҳизоти он суҳбати озоду ошкоро намуданд.

**АМИТ «Ховар»**

# ДАР «ТЕБАЛАЙ», «ШУРАКСОЙ» ВА «ДЕВОНАСОЙ»-И КӮЛОБ КОРҲОИ МУСТАҲКАМКУНИЮ БАРҚАРОРСОЗӢ БОМАРОМ ҶАРАЁН ДОРАНД

**Корҳои соҳилтозакунӣ дар сойҳои «Тебалай», «Шураксой» ва «Девонасой»-и шаҳри Кӯлоб айни замон мувофиқи лоиҳа пурра иҷро гардида, бетонрезӣ ва васлу насби оҳану бетонӣ босуръат идома доранд, хабар доданд аз мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб.**



Ҳамасола бо мақсади пешгирӣ аз хатари офатҳои табиӣ дар ин мавзеъҳои осебпазир бо маблағгузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти марбута корҳои мустаҳкамкунӣ ва барқарорсозӣ гузаронида мешаванд.

Аз ҷараёни корҳои сохтмонӣ ва барқарорсозии сойҳои «Тебалай», «Шураксой», «Девонасой, қитъаи №1 ва №2»-и шаҳри Кӯлоб 15 январ директори Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Сухроб Саъдуллозода, иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Кӯлоб Бахтиёр Назарзода ва дигар шахсони масъул дидан намуданд.

Зимни шиносоӣ бо ҷараёни корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ аз ҷониби роҳбарияти Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматӣ ва шаҳрдории Кӯлоб ҷиҳати дар сатҳи баланд иҷро гардидани корҳои сохтмону соҳилмустаҳкамкунӣ ба муттасаддиёну сохтмончиён супоришҳои мушаххас дода шуд.

Иттилоъ дода шуд, ки то имрӯз дар сойи «Тебалай» корҳои бетонрезӣ бо дарозии 310 метр андозаи 2*20,6 см ва 2 адад бараж, дар сойи «Шураксой» бетонрезии пул бо дарозии 6*2,5см, таҳкурсӣ ва деворҳои қубур, инчунин корҳои новарезӣ ба дарозии 400 метр бо андозаи 6*3*2 пурра иҷро гардида, корҳо бо маром идома доранд.

Мувофиқи лоиҳа дар сойи «Девонасой, қитъаи №1» корҳои тозакунӣ, оҳану бетонӣ, новаҳо бо дарозии 220 метр бо андозаи 6*3*2 метр ва дар сойи «Девонасой, қитъаи №2» шинонидани новаҳо бо дарозии 230 метр ба андозаи 6*5*3 метр пурра ба итмом расидаанд.

Масъулини корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ тасмим доранд, ки нақшаву супоришҳои ба зимма доштаашонро то давраи муайяншуда ба анҷом расонанд.



# БО БАРҚАРОРСОЗИИ КАНАЛИ «КОКУЛ-2»-И НОҲИЯИ ФАРХОР ПАХТАКОРӢ ВА ДИГАР БАХШҲОИ КИШОВАРЗӢ АЗ НАВ БА РОҲ МОНДА МЕШАВАНД

**Дар Ҷамоати деҳоти Хутани ноҳияи Фархор имрӯзҳо бо дастгирии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия қисмати харобгаштаи канали «Кокул-2», ки чанд сол қабл бинобар сабаби баланд шудани оби дарёи Сурхоб пурра вайрон шуда буд, бо истифода аз мошину механизмҳои зарурӣ барқарор карда мешавад. Канали мазкур бояд то мавсими нави обёрии соли 2022 пурра барқарор карда шавад. Баъд аз оғози корҳои сохтмонӣ аллакай беш аз 800 нафар сокинони деҳот иқдом гирифтанд, ки дар заминҳои солҳо бекорхобидаи ин мавзеъ кишти зироати кишоварзиро ба роҳ монанд, хабар медиҳад маркази матбуоти раиси ноҳияи Фархор.**

Иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Фархор Зариф Назирӣ дар Ҷамоати деҳоти Хутан аз ҷараёни корҳои ободониву бунёдкорӣ ва навсозии канали «Кокул-2» боздид намуд.

Дар ин ҷамоат барои аз нав ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои солҳои зиёд бекорхобида, ки дар ин қитъаҳо солҳои пешин пахта, шолӣ ва дигар зироати кишоварзӣ кишту парвариш карда мешуд, барқароркунии канал ҷараён дорад.

Ба иттилои масъулин, бо пурра хароб шудани канали «Кокул-2» 1400 гектар замине, ки кишту кор карда мешуд, аз гардиши кишоварзӣ монд. Айни замон дар ин мавзеъ аз ҳисоби тоза кардани канали обпартои дохили хоҷагӣ корҳои заминӣ ва барқарорсозии қисмати харобгаштаи соҳили дарёи Сурхоб бо вусъат идома дошта, баъд аз барқарорсозии он дар ҳудуди деҳоти Хутан обёрии беш аз даҳҳо гектар замини кишт беҳтар мегардад.

Навсозии канали «Кокул-2» дар асоси дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои дашти Кокул ва дар ин замина таъсиси беш аз ду ҳазор ҷойи кор роҳандозӣ шудааст.

Тибқи нақшаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, дар ин мавзеъ бояд дар оянда пахтакорӣ, шоликорӣ ва дигар бахшҳои соҳа аз нав ба роҳ монда шаванд, ки ин тадбир ба пешрафти вазъи иқтисодӣ, ташкили ҷойҳои корӣ ва афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат менамояд.

**АМИТ «Ховар»**

# БА 136 ОИЛАИ АЗ ОФАТИ ТАБИӢ ЗАРАРДИДАИ ФАРХОР ҚИТЪАИ ЗАМИНИ НАЗДИҲАВЛИГӢ ТАҚСИМ КАРДА ШУД

**Дар асоси дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва бо ибтикори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Фархор ба 136 оилаи аз офати табиӣ зарардидаи деҳаи Сурхоби Ҷамоати деҳоти Хутан қитъаи замини наздиҳавлигӣ тақсим карда шуд. Дар ин бора аз маркази матбуоти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Фархор хабар доданд.**



Ёдовар мешавем, ки 6 июни соли 2019 бо сабаби боридани борони шиддатнок ва омадани сел дар деҳаи Сурхоб 212 хоҷагӣ зарар дида буд.

Моҳи ноябри соли 2020 бо ҷалби сармояи хориҷӣ дар канори деҳа, дар ҷойи бехавфу хатар барои хоҷагиҳое, ки хонаҳои истиқоматиашон пурра ва қисман зарар дида буданд, 25 хонаи истиқоматӣ бо тарҳи замонавӣ сохта, ба сокинони аз ин офат зарардида ва ниёзмандон туҳфа карда шуданд.

# ДАР НОҲИЯИ ШУҒНОН БУНГОҲҲОИ САЛОМАТӢ ВА ТОЛОРИ ВАРЗИШӢ СОХТА МЕШАВАНД

**Давоми соли 2022 дар ҳудуди ноҳияи Шуғнон дар доираи «Лоиҳаи таҳкими устувории иҷтимоӣ-иқтисодӣ» аз ҷониби Бунёди миллии иҷтимоии маблағгузории Тоҷикистон ду бунгоҳи саломатӣ ва толори варзишӣ бунёд карда мешаванд, хабар доданд аз мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Шуғнон.**



Иқдоми мазкур 26 январ зимни мулоқоти раиси ноҳияи Шуғнон Ҷумъа Ҷумъазода бо масъулини «Лоиҳаи таҳкими устувории иҷтимой-иқтисодӣ», ки бо маблағгузории Бонки ҷаҳонӣ аз ҷониби Бунёди миллии иҷтимоии маблағгузории Тоҷикистон дар ноҳияи Шуғнон татбиқ мешавад, гирифта шуд.

Зимни мулоқот ҷонибҳо нақшаи лоиҳаҳои соли 2022 тавассути лоиҳаи мазкур дар ноҳияи Шуғнон амалишавандаро баррасӣ намуданд.

Ба минтақаи лоиҳавӣ ҷамоатҳои деҳоти Ванқалъа, Вер, Навобод, Сучон, М. Ширинҷонов, Поршинев ва Ғ. Шаҳбозови ноҳияи Шуғнон шомил мебошанд.

Мақсади асосии лоиҳаи зикргардида аз мусоидат намудан ҷиҳати иштироки фаъоли аҳолӣ дар худидоракунии маҳаллӣ баҳри беҳтар гардонидани сифати инфрасохтори иҷтимоию иқтисодӣ дар ҷамоатҳои мақсаднок, васеъ намудани доираи имконият ва сарчашмаҳои воситаҳо барои зиндагии ҷавонон иборат мебошад.



# ДАР ВАНҶ БА МУНОСИБАТИ ҶАШНИ 30-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ 84 ИНШООТ БУНЁД ГАРДИД

**То имрӯз ба муносибати ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ дар ноҳияи Ванҷ 84 иншоот бунёд ва ба истифода дода шудаанд. Дар ин бора зимни ҷаласа бо иштироки Раиси Кумитаи рушди сайёҳӣ Тоҷиддин Ҷӯразода, муовини Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Анвар Иматшозода, раиси ноҳияи Ванҷ Одинашо Мардзода ва фаъолони ҷамъиятии сокинони ноҳияи Ванҷ доир ба тавзеҳи Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ изҳори назар гардид.**

Маҳз дар партави сиёсати созанда ва бунёдкоронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар даврони соҳибистиқлолӣ барои таъмини рушди иқтисодиву иҷтимоии ноҳияи Ванҷ ва пешрафту ободии он аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва дигар сарчашмаҳо маблағҳои зиёд равона карда шудаанд.

Дар ин давра дар маркази ноҳияи Ванҷ ва деҳоти дурдасти он иншооти муҳими иқтисодию иҷтимоӣ ба истифода супорида шуданд, ки барои рушду пешрафти ин ноҳияи дурдасти мамлакат заминаи мусоид фароҳам овард.

# СОҲИБКОРОНИ ВАНҶ ДАР ПАЙРАВӢ БА ТАШАББУСҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР РУШДИ УСТУВОР ВА ОБОДИИ НОҲИЯ САҲМ МЕГУЗОРАНД

**Бо ташаббуси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар партави дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Паёми навбатиашон ба Маҷлисӣ Олӣ иброз доштанд, ҷиҳати равнақ бахшидан ба корҳои ободонию созандагӣ ва зебо гардонидани ҳар гӯшаи зебоманзари диёрамон мизи мудаввар баргузор гардид.**

Дар ҳамоиш Раиси Кумитаи рушди сайёҳӣ Тоҷиддин Ҷӯразода, муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодири Қосим, Раиси ноҳияи Ванҷ Одинашо Мардзода, соҳибкорони муваффақ ва фаъоли ноҳияи Ванҷ, ки дар пойтахт ва дигар минтақаҳои мамлакат фаъолият доранд, иштирок карданд.

Раиси Кумитаи рушди сайёҳӣ ҳадафи гирд овардани соҳибкорон ва шахсони баруманди ноҳияи Ванҷро шарҳ дода, зарурати боз ҳам тақвият бахшидани раванди омодагиро ба таҷлили 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва татбиқи босамари ташаббуси Пешвои миллат вобаста ба Солҳои рушди саноат эълон гардидани солҳои 2022-2026 тавассути бунёду роҳандозии корҳои ободонӣ, сохтмони иншооти иҷтимоӣ, аз қабили боғчаҳои томактабӣ, мактабҳо, толорҳо ва майдончаҳои варзишӣ ва корхонаҳои саноатию агросаноатиро таъкид ва масъалаҳоро мавриди таваҷҷуҳи иштирокдорони ҷаласа пешниҳод намуд.

Дар ҷаласа ҳамзамон муовини Раиси Маҷлиси намояндагон Қодири Қосим ва Раиси ноҳияи Ванҷ



Одинашо Мардзода сухан карда, аз соҳибкорон даъват намуданд, ки бо дарназардошти имконияту ҷалби бештари соҳибкорони муваффақ ва сокинони саховатпешаи ин минтақа дар татбиқи ҳадафи олии кишвар - баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва пешрафти иқтисодию иҷтимоӣ тамоми неруи мавҷударо сафарбар карда, саҳми муносиб гузоранд.

Ҳоло дар минтақаҳои дурдасти ноҳияи Ванҷ аҳолии маҳаллӣ ба рушди инфрасохтори иҷтимоӣ, аз ҷумла, меҳмонхонаву ошхонаҳо, марказҳои хизматрасонӣ, шароити мусоиди таълимӣ, дар иншооти варзишӣ, боғчаҳо, марказҳои фароғатӣ, сартарошхонаву кошонаи ҳусн, ҳаммом ва бунгоҳҳои тиббӣ ниёзи бештар доранд ва соҳибкорон имкон доранд бо корҳои бунёдӣ дар ин самт ташаббускор бошанд.

Тазаккур дода шуд, ки маҳз дар доираи нақшаи чорабиниҳо ба муносибати ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ дар ноҳияи Ванҷ 86 иншоот ба нақша гирифта шуда, то имрӯз 84 иншоот бунёд ва ба истифода дода шудаанд. Дар ду иншооти дигар корҳои сохтмонӣ идома доранд.

Дар ин давра инчунин бо ташаббуси соҳибкорон ва сокинони маҳаллӣ боз ба таври иловагӣ даҳҳо иншооти иҷтимоиву хизматрасонӣ бунёд гардиданд, ки дар онҳо барои сокинон садҳо ҷойи нави корӣ таъсис дода шуданд.

Ба ҳамаи шахсони саховатпеша, соҳибкорону сармоягузорон ва мардуми ноҳия, ки дар корҳои ободониву бунёдкорӣ саҳм гузоштаанд, миннатдорӣ баён карда шуд.

**АМИТ «Ховар»**

# «ИНЪИКОСИ СОХТМОНИ НЕРӮГОҲҲОИ ҶУМҲУРӢ ДАР АСАРҲОИ РАССОМОНИ ТОҶИКИСТОН»

## Таҳти ин унвон дар Осорхонаи миллӣ намоиш ифтитоҳ гардид

Дар партави Паёми навбатии Пешвои миллат ва дар робита ба яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар - расидан ба истиқлолияти энергетикӣ 7 январ дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон таҳти унвони «Инъикоси сохтмони нерӯгоҳҳои ҷумҳурӣ дар асарҳои рассомони Тоҷикистон» намоиш ифтитоҳ гардида, то 20 январи соли 2022 идома меёбад. Дар ин бора аз Осорхонаи миллии Тоҷикистон иттилоъ медиҳанд.

Дар намоиш аз фонди Осорхонаи миллӣ 32 адад беҳтарин мусаввараҳои рассомони машҳури тоҷик, аз қабили офаридаҳои Х. Хушвахтов «Нерӯгоҳи барқи обии Норак», З. Ҳабибуллоев «Норак», М. Хошмуҳаммадов "Сохтмони нерӯгоҳи Қайроққум", Расулов Ҷалил "Оғози сохтмони Роғун", И. Волинский "Норак сохта мешавад", Ф. Салманов "Баҳри Норак" ва Б. Серебрянский "Нерӯгоҳи барқи обии Варзоб" ба тамошо гузошта шудааст. Ҳамзамон асари рассоми маъруфи тоҷик Карим Наҷмиддинов бо номи "Симои Турсун Улҷабоев", ки яке аз бунёдгузорони Нерӯгоҳи барқи обии Норак мебошад, манзури тамошобинон гардонида шудааст.

Дар маросими ифтитоҳи намоиш роҳбарият ва кормандони Осорхонаи миллии Тоҷикистон, намояндагони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон



ва Ширкати саҳомии холдингии кушодаи "Барқи тоҷик" иштирок намуданд.

Директори Осорхонаи миллии Тоҷикистон Аҳлиддин Ибодуллозода зикр намуд, ки дар баробари инъикоси таъриху фарҳанги қадимии халқи тоҷик дар Осорхонаи миллӣ ҳамзамон дастовардҳои даврони муосир, аз ҷумла, соҳаи энергетикаи кишвар ба таври доимӣ муаррифӣ шуда, тамошобинонро бо комёбиҳои Ҳукумати кишвар дар роҳи расидан ба ҳадафи муҳими стратегӣ - расидан ба истиқлолияти энергетикӣ шинос менамояд. Илова бар ин, аз ҳисоби ашёи фонди муассиса намоиши хосае низ ифтитоҳ гардид. Дар намоиши мазкур заҳмати сохтмончиён ва ташаббускорони сохтмони нерӯгоҳҳои кишвар аз ибтидо то замони муосир инъикос шудаанд.

Мавриди зикр аст, ки сохтмони нерӯгоҳҳо дар кишвар аз солҳои 20-уми асри XX оғоз гардида, аввалин нерӯгоҳи барқии дизелӣ соли 1926 дар шаҳри Душанбе сохта шудаанд. Баъдан шуруъ аз солҳои 1930 силсиласохтмонҳои НБО-и Варзоб оғоз шуда, солҳои баъдӣ дигар нерӯгоҳҳо ба истифода дода шудаанд.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар кишвар якчанд нерӯгоҳҳои пуриқтидор, аз қабили «Помир-1» (2005), «Сангтӯда-1» (2009), «Сангтӯда-2» (2014) ба истифода дода шуда, сохтмони НБО-и «Роғун» ва дигар нерӯгоҳҳои хурду бузург идома дорад.

Дар маҷмуъ, дар даврони соҳибистиқлолӣ дар ҷумҳурӣ 287 нерӯгоҳи барқи обии хурду бузург, 1,5 ҳазор километр хатҳои интиқоли барқи баландшиддат, 50 зеристгоҳи баландшиддати барқӣ бунёду таҷдид ва 75 фоизи инфрасохтори энергетикии Тоҷикистон навсозӣ гардиданд, ки ин албатта, дастоварди бузург дар ин ҷода мебошад.

Намоиши "Инъикоси сохтмони нерӯгоҳҳои ҷумҳурӣ дар асарҳои рассомони Тоҷикистон" то 20 январи соли 2022 идома меёбад.

# ТОҶИКИСТОН ДАР СОҲАИ ИСТЕҲСОЛИ МАСНУОТИ ЗАРГАРӢ ИСЛОҲОТ МЕГУЗАРОНАД




Дар Тоҷикистон дар соҳаи истеҳсоли маснуоти заргарӣ ислоҳот гузаронида мешавад, иттилоъ доданд аз Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ин тасмим аз ҷониби Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади рушди истеҳсоли маснуоти заргарии кишвар гирифта шудааст. Ҳадафи тасмими мазкур рушди соҳаи истеҳсоли маснуоти заргарӣ дар кишвар ва ба бозорҳои минтақавию ҷаҳонӣ ба фурӯш баровардани маснуоти истеҳсолгардидаи заргарӣ арзёбӣ мегардад.

Тадбири мазкур бо дарназардошти Солҳои рушди саноат эълон гардидани солҳои 2022-2026 андешида шудааст. Дар иртибот ба ин Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шахсони ҳуқуқӣ, инфиродӣ, ҳунармандони касбӣ ва шаҳрвандони оддӣ эҳтиромона хоҳиш менамояд, ки пешниҳоди худро бо мақсади рушди соҳаи маснуоти заргарӣ ва татбиқи ислоҳот дар ин соҳа ба суроғаи электронии вазорат info@sanoat.tj ирсол намоянд.



# БА МАСЪУЛИНИ СОҲАИ СОХТМОНИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ НУКТАҲОИ ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ТАВЗЕҲ ДОДА ШУДАНД

«Дар низоми муосири давлатдории мо Паёми Пешвои миллат ҳуҷҷати муҳими расмӣ-барномавӣ ва муайянкунада буда, яке аз роҳҳои ифодаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангиву сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дарбаргирандаи барномаи мукаммали тамоми ниҳодҳо арзёбӣ мешавад». Чунин зикр намуд муовини аввали Раиси шаҳри Душанбе Амирхон Қурбонзода дар вохӯрӣ бо масъулину кормандони соҳаи сохтмони шаҳр зимни тавзеҳи нуктаҳои муҳими Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Парлумони мамлакат. Дар ин бора шуъбаи иттилооти дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе иттилоъ медиҳад.

Муовини якуми Раиси шаҳри Душанбе зикр намуд, ки Паёми Пешвои миллат барои ҳар шаҳрванд муждаи созанда дар роҳи пурифтихори рушди давлатдорӣ мебошад. Зикр шуд, ки Пешвои миллат дар Паёми хеш тамоми самтҳои давлатдориро бори дигар таҳлилу баррасӣ намуда, вазифаҳоро барои фаъолият дар соли ҷорӣ тарҳрезӣ намуданд.

Дар хотима аз иштирокдорон даъват ба амал оварда шуд, ки дар ободии пойтахти кишвар - шаҳри Душанбе саҳми муносиб гузоранд.

**АМИТ «Ховар»**





# В КИТАЕ АКТИВНО РАСЦВЕТАЮТ «ЗЕЛЕНЫЕ НЕБОСКРЕБЫ»

Вслед за сооружениями Bosco Verticale аналогичные здания «Вертикального леса» теперь укореняются по всему миру, помогая увеличивать количество растений и деревьев в районы городов. Два из них сейчас строят в Китае и планируют завершить в этом году.

Самый крупный из двух проектов «Вертикальный лес», строится китайской командой Stefano Boeri Architetti's China, получил название «Комплекс Easyhome Huanggang Vertical Forest City».

Это амбициозный проект, занимает территорию площадью 4,54 гектара недалеко от Ухани. Он включает в себя пять башен, две из которых будут покрыты зеленью. Строительство зданий близится к завершению, и уже высажены первые деревья на высоте 90 м над землей. Еще высадят 395 деревьев, 3600 кустарников и 12000 многолетних растений. Официальное открытие проекта состоится в феврале 2021 года.



«Наше внимание постоянно сосредоточено на местной флоре регионов; мы ищем интересные виды, которые мало используются в традиционном садоводстве», - объясняет Лаура Гатти, агроном, отвечающий за ботаническое развитие SBA Vertical Forests.

- В заброшенном карьере построили уникальный курортный отель "перевернутый" небоскреб

- Футуристический мегаполис - вертикальный город лес THE LINK высотой 1200 метров

«В Huanggang наши ботанические исследования были сосредоточены на видах, произрастающих в регионе Hubei , и на многих из растений, которые мы в настоящее время выращиваем в наших парках и садах. Хотя эти виды и сорта хорошо себя чувствуют некоторые из видов были выращены специально для этого проекта. Их внедрение увеличивает ценность проекта с точки зрения биоразнообразия, привлекательности и самобытности».

## ДОМА-ДЕРЕВЬЯ - ОРИГИНАЛЬНАЯ ДОСТОПРИМЕЧАТЕЛЬНОСТЬ В САНЬЕ

Курорт Санья - любимейшее место отдыха туристов в Китае. Тут вам и море с пляжами, и всевозможные развлечения, и увлекательные экскурсии. Одна из самых эффектных местных достопримечательностей - необычные дома-деревья.

### ЧУДО АРХИТЕКТУРЫ

Домами-деревьями называют жилой и гостиничный комплекс в центре Саньи. Он состоит из 9 ярких 31-этажек, построенных в виде деревьев. На их фоне даже большие здания выглядят крохотульками. Все этажи небоскрёбов украшены искусственной листвой. Издалека кажется, будто высотки утопают в зелени.

Особенно красиво дома-деревья смотрятся с наступлением темноты. После заката включается подсветка, и на «кронах» начинают сиять иероглифы и различные рисунки. Лучше всего наблюдать за этим зрелищем с располагающегося рядом моста.

Неординарные многоэтажки спроектировали ведущие мировые архитекторы. Заказчику комплекс обошёлся более чем в $1 млрд. Вот только



селиться там туристы не спешат.

### ГОСТИНИЦА БЕЗ ГОСТЕЙ

Своим внешним видом дома-деревья призваны символизировать экологическую привлекательность Саньи. Этот курорт, расположенный на острове Хайнань, как раз славится благоприятной экологической обстановкой.

Однако даже через несколько лет после завершения строительства комплекс остаётся лишь ещё одной диковинкой Саньи. Иностранцев, желающих остановиться в чудо-отелях, не очень много. Всему виной слишком высокие цены за довольно простые номера.

По курорту ходят слухи, будто из-за небольшой заполняемости либо по неким техническим причинам удивительные здания собираются снести. И произойдёт это в ближайшее время. Но существует версия, что информацию о сносе распространяют намеренно - для привлечения постояльцев. В любом случае, если будете отдыхать в Санье, успевайте побывать в чудо-небоскрёбах. Для этого совсем не обязательно там размещаться.

### КАК ПОПАСТЬ В ДОМ-ДЕРЕВО

Посетить достопримечательность можно совершенно бесплатно. Надо зайти в корпус «С» отельного комплекса, где находятся шоу-румы. Миновав пост охраны, нужно пройти по залу-коридору и подняться на 23-ий этаж на скоростном лифте.

На 23-ем этаже для свободного доступа открыты номера, а также проходы на балконы и террасы, откуда открывается прекрасная панорама. По апартаментам можно гулять, осматривать интерьер и фотографироваться.

# РАЗНОВИДНОСТИ ДЕКОРАТИВНОЙ ШТУКАТУРКИ

Для отделки стен специалисты используют разных видов материалы. Обои, которые были популярными несколько десятилетий, теряют свою востребованность. А им на смену приходят ультрасовременные материалы, например, декоративная штукатурка. Она имеет целый ряд достоинств. С помощью штукатурки для декорирования строители добиваются эффекта мрамора, металла, гранита, шелка. С ее помощью можно даже имитировать джинсовую или муаровую ткань.



### ПРЕИМУЩЕСТВА ДЕКОРАТИВНОЙ ШТУКАТУРКИ

Затраты времени и финансовых вложений при работе с ней невелики. Декоративная штукатурка хорошо смотрится в любой обстановке, хотя большинство специалистов и настаивает на том, что она подходит лишь к классическому интерьеру. Но если правильно подобрать цвет и фактуру, то такая отделка прекрасно дополнит обстановку и других стилей.

Декоративной штукатурке свойственно скрывать несовершенства стен, например, трещины и неровность поверхности. Благодаря этой отделке в помещении может стать немного теплее, ведь штукатурка - хороший теплоизолятор.

Состоит этот вид отделочного материала из природных компонентов, не вбирает в себя запахов и не выделяет вредных веществ. Благодаря этому можно быть уверенным в экологичности и безопасности отделки для здоровья.

Такое покрытие стен характеризуется долговечностью, устойчивостью к перепадам температуры и почти не требует ухода. Не имеет каких-либо стыков и швов.

### ДЕКОРАТИВНУЮ ШТУКАТУРКУ ДЕЛЯТ ПО ТИПУ НАПОЛНИТЕЛЯ

***Фактурная.*** Наиболее распространенная и не очень дорогая, имеет рельеф покрытия высотой от 0,2 до 2 миллиметров. Наполнители - волокно древесины, слюда, мелкие камешки.

***Структурная.*** Она наполняется мелкими зернами кварца, используются и другие минералы. В отличие от фактурной штукатурки, поверхность структурной более однородная. Микрогранулы, из которых она состоит, лопаются после нанесения, и в результате этого на поверхности появляются цветные пятна.

***Венецианская.*** В ее составе есть мраморная «мука», а рисунок точно имитирует мрамор. Поверхность имеет гладкую, зеркальную структуру.

***Флоковое покрытие.*** Оно более современное и имеет интересный внешний вид. Мелкие цветные частицы наносятся на клей в несколько слоев.

### ПО СОСТАВУ ФАКТУРНУЮ ШТУКАТУРКУ ДЕЛЯТ НА

***Минеральную.*** Ее основой является цемент. Расфасовывается в сухом виде и перед использованием разбавляется водой, чтобы образовалась однородная масса. В этом процессе используется специальный строительный миксер. Такую штукатурку дополнительно окрашивают. Достоинством этого вида является невысокая стоимость, хотя если имеются наполнители в составе (блески, крошка из мрамора и т. д.), то такой вид штукатурки будет стоить дороже.

***Акриловую.*** В ее основе - акриловая смола. Материал пластичен, способен отталкивать воду, но не стоек к горению, потому его рекомендуется использовать подальше от утеплителя из минеральной ваты. Работать с акриловой штукатуркой несложно. Ее легко наносить и формировать текстуру. Но перед этим необходимо очень хорошо подготовить основу и грунтовку. Данная разновидность штукатурки имеет готовый вид, так что тратить время на ее разведение не придется. Необходимо присмотреться к сроку конечной реализации. Если он приближается к концу, штукатурку брать не рекомендуется, иначе будет тяжелее с ней работать.

***Силиконовую.*** Характеризуется высокой эластичностью, долговечностью, подходит для разных типов основания. Материал современный и универсальный. За штукатуркой легко ухаживать, она даже имеет свойство к самоочищению. Выпускается в широкой гамме цветов и реализуется в готовом виде.

***Силикатную.*** Ее основу составляет калийное стекло. Редко используется внутри помещений, зато прекрасно подойдет для фасадных работ.

В основном декоративная штукатурка расфасована в ведра. Затем по необходимости ее смешивают с нужными добавками и наносят на стену. Наносят состав слоями, которые разделяют определенные промежутки времени, чтобы предыдущий слой просох. Чаще всего применяют от 2 до 12 слоев.

С помощью штукатурки можно получить огромное количество различных декоративных эффектов. Поверхность легко очищается водой или моющим средством, долго сохраняет внешний облик и не реагирует на негативные внешние воздействия.

# ЧЕМ И КАК КРАСИТЬ БАТАРЕИ ОТОПЛЕНИЯ?

Краска для батарей отопления должна, прежде всего, иметь:

- хорошую устойчивость к повышенной температуре;
- хорошую адгезию к металлическим поверхностям;
- антикоррозийные свойства.

### КАК ВЫБРАТЬ КРАСКУ?

Выбирая краску, следует изучать ее состав.

Алкидная эмаль характеризуется сильным стойким запахом, поэтому в процессе проведения малярных работ нужно обеспечить тщательное проветривание помещения. Слой этой краски после нанесения сохнет примерно 2 часа. Алкидная эмаль чрезвычайно устойчива к моющим средствам. По этой причине ею часто окрашивают батареи отопления и трубы на кухне. Эта краска идеально совместима с любым лакокрасочным материалом, поэтому она может без проблем наноситься на любое старое лакокрасочное покрытие.



Для окраски радиаторов и труб в помещениях, где влажность воздуха повышена, например в ванной комнате, идеально подходит акриловая краска. Она достаточно устойчива в широком температурном диапазоне, характеризуется отличной влагостойкостью и не имеет сильного запаха. Второй слой краски при двухслойном окрашивании можно будет наносить только по прошествии 1 часа от момента нанесения первого.

### ПОРЯДОК ДЕЙСТВИЙ ПРИ ОКРАСКЕ РАДИАТОРОВ ОТОПЛЕНИЯ

***1. Подбор требуемой краски.*** При окраске радиаторов отопления в зимний период, когда включена система отопления, необходимо обязательно удостовериться в возможности нанесения конкретной краски в таких температурных условиях. Очень много красок и эмалей рекомендуются для окрашивания радиаторов отопления только при отключенной системе отопления. Если пренебречь этим, то есть большой риск получения неровного покрытия: с цветными пятнами, не очень ровным и гладким, возможно даже с трещинами.

***2. Подготовка поверхностей.*** Поверхность радиатора отопления должна быть сухой и чистой, с полным отсутствием жирных пятен. Если радиаторы отопления не окрашены, то с целью обезжиривания их поверхность зашкуривают наждачной бумагой, а пыль удаляют. После этого покрывают слоем грунтовки, которая рекомендуется производителем краски. Если радиаторы отопления ранее были окрашены, то возможны 2 варианта:

- лакокрасочный слой потрескался и местами отслоился, т. е. плохой. В этом случае он удаляется, далее поступают так, как и с неокрашенными радиаторами отопления;
- лакокрасочный слой прочный и хорошо держится, вопрос только в том, чтобы обновить цвет. В этом случае поверхность зачищают до матового вида наждачной бумагой и удаляют пыль. Далее поверхность обезжиривают любым средством для снятия жирных пятен.

***3. Окрашивание.*** Радиаторы отопления окрашивают в 1 или 2 слоя, чаще всего кистью, но иногда может использоваться и краскораспылитель, использование валика не очень удобно, поэтому почти не встречается. С учетом этого к выбору кисти следует отнестись серьезно и сделать это заранее. Кисть выбирается, исходя из конкретного места расположения радиатора отопления. В зависимости от этого может быть удобней работать кистью толстой или тонкой, с длинной ручкой или короткой. При двухслойной окраске до нанесения второго слоя краски необходимо высохший первый слой зашкурить наждачной бумагой.

# КРОССВОРД

Забони кадимаи точикӣ | Ошнои помидор дар салат | Чӯрағӣ, дӯстӣ | Ба тартиб даровардашуда

Китоби зардуштиён | Номи пешинаи ноҳияи Спитамен | Осоишгоҳ дар Гурҷистон | ... Уилсон (Голливуд)






Таоми миллии тоторӣ | Миллат дар Қафқоз | Асъори Литва | Ба зима гирифтан | Мурочиат ба шахси олимақом | Алафи тундра | Номи ҳарфи лотинӣ | Қарори нияти қатъӣ | Миёнбанди хар | Қатори дӯконҳо

Вазифаи Пётри 1 | Чузъи мошинаи дарздузӣ | «Долларҳо»и гарбиҳо | Панд, насиҳат | Шарм, изо | Қисми хурдакак | Эзид, Яздон | Савсани обӣ (русӣ)

Паҳнои сабзапӯш | Адиби муосири точик | Попуши резинии шиновар | Офати табиӣ | Санад (русӣ)

Зироати полезӣ | Гови чавон | Серҷоғ | Гулоб, хушбӯй | Тайёраи Антонов | Чилави автомобил



Алоқаи мавҷӣ дар кишвар | Оҳанги кадимаи рақсӣ | Шаҳр дар Эстония | Қаторкӯҳ дар Аврупо | Қабилаи мугул ва замини ӯ | Яке аз чор ёрони Мустафо (с)

Онро барои мол мехиданд | Нидои сарбозон вақти ҳуҷум (русӣ) | Тирезаи самолёт

Муқобили «экспорт» | Ҳотами ... | Президенти Амрико | Меваи «донадона» | Оҳангсоз Абдумалик ... | Борҷонӣ, ҳомиладорӣ

Халқият дар Озарбойҷон | Кефири мевагӣ | Шахс дар либоси ношинос | Заҳмат (китобӣ) | Мувофиқат, мутобиқат | ...и Сомонӣ | Хушк | Шабеҳ, монанд



Ғайри қобили қабул | Мадад, ёрӣ | Егор ..., овозхони рус | Дарё дар Чин ва Қазоқистон | Коргоҳи маъмурият | ... Крутой, оҳангсози рус | Синфи меҳнаткаши мубориз | Вобаста, роҷеъ | -и Бедил, шоири классики точик




*Индекси обунаи рӯзнома:* 69022

*Суратҳисоби бонкии рӯзнома:* С/Ҳ: 20202972700838101000, Ҳ/М: 20402972316264, РМА: 010081778, КИБ: 350101626, БДА ҶТ «Амонатбонк»

*Муассис:* Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

*Учредитель:* Комитет по архитектуре и строительству при Правительстве Республики Таджикистан

Муассисаи давлатии «Рӯзномаи бинокорон» 6 апрели соли 2006 дар Вазорати фарҳанг таҳти №0178 ва 17 марти соли 2009 таҳти №001-5893 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

«РӮЗНОМАИ БИНОКОРОН» - БА ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА РУСӢ

*Сардабир* Дилбар ТАБАРОВА

*Ҳайати таҳририя* М. ЗУВАЙДЗОДА, А. КАРИМЗОДА, А. САФАРЗОДА

*Саҳифабанд* Донийр САТТОРОВ

*Нишонии идораи рӯзнома:* ш. Душанбе, к. Ш. Ҳусейнзода, 34 Тел. 227-22-39, 227-22-07

Рӯзнома дар матбааи «Аниса-95» чоп шуд. Теъдод 700 нусха

*Арзиши солонаи обуна:* 88 сомонӣ

*Хабарнигорон:* Фотима Ализода (ш. Душанбе), Амруллои Забир (НТҶ), Ҷовиди Аштӣ (вил. Суғд)


*Дар «Рӯзномаи бинокорон» ба хотири гуногунандешӣ маводҳои низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.*

CMYK